# ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
# ҚАРОР

Дар бораи Барномаи миллӣ оид ба муқовимат ба эпидемияи вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025

Мутобиқи моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон" Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Барномаи миллӣ оид ба муқовимат ба эпидемияи вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 ва Нақшаи амалисозии Барномаи миллӣ оид ба муқовимат ба эпидемияи вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 тасдиқ карда шаванд (замимаҳои 1 ва 2).

2. Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷо бо вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ амалисозии барномаи мазкурро дар доираи маблағҳои ҳамасола пешбинишудаи буҷети давлатӣ ва бо ҷалби сармояҳои шарикон оид ба рушд таъмин намоянд.

3. Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷараёни амалисозии барномаи мазкур ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар сол то 1 январ маълумот пешниҳод намояд.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон — Эмомалӣ Раҳмон
аз 27 феврали соли 2021, № 50
ш. Душанбе

Замимаи 1
ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз 27 феврали соли 2020, № 50

Барномаи миллӣ

оид ба муқовимат ба эпидемияи вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025

1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Барномаи миллӣ оид ба муқовимат ба эпидемияи вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 (минбаъд - Барнома) бо мақсади пурзӯр намудани раванди манъшавии эпидемияи вируси норасоии масунияти одам дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, паст намудани фавт аз бемории пайдошудаи норасоии масуният, расидан ба дастрасии баланди хизматрасонии пешгирикунанда, табобат ва нигоҳубин дар самти вируси норасоии масунияти одам барои ҳар як шахс, беҳтар намудани саломатӣ ва баланд бардоштани сифати солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст.

2. Дар Барнома талабот ва меъёрҳои Ҳадафҳои рушди устувор, Эъломияи сиёсие, ки дар Ассамблеяи генералии Созмони Милали Муттаҳид соли 2016 «Бо суръати баланд барои пурзӯр намудани мубориза бар зидди вируси норасоии масунияти одам ва барҳамдиҳии эпидемияи бемории пайдошудаи норасоии масуният то соли 2030» қабул гардидааст ва дигар санадҳои байналмилалии соҳавӣ дар самти вируси норасоии масунияти одам, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, ба инобат гирифта шудааст.

2. ТАҲЛИЛИ ВАЗЪ

**§**1. Ҳолати эпидемикии вируси норасоии масунияти одам дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

3. Дар байни гурӯҳҳои махсусан осебпазири аҳолӣ мутобиқи тадқиқотҳо эпидемияи вируси норасоии масунияти одам дар ҷумҳурӣ дар марҳилаи ҷамъшаванда (паҳншавии вируси норасоии масунияти одам дар байни нашъамандони тазриқӣ 11,9 фоиз ва дар байни ҳамаи ташхисшудагон 0,12 фоизро ташкил медиҳад) қарор дорад.

4. Дар Тоҷикистон чун дар дигар давлатҳои Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ зиёдшавии ҳолатҳои сирояти вируси норасоии масунияти одам дар солҳои охир ва аз рӯи нишондодҳои баҳодиҳӣ идома дошта, миқдори ҳодисаҳои нав 20 фоиз зиёд гардидааст, дар ҳоле ки миқдори фавт, ки ба вируси норасоии масунияти одам вобастагӣ дошт, 5 фоиз паст шудааст.

5. Тамоюли болоравии ҳодисаҳои нави вируси норасоии масунияти одам бо роҳи гузариши алоқаи ҷинсӣ ба қайд гирифта

шуда, дар ҳоле ки сироятёбӣ бо роҳи тазриқӣ ба таври назаррас паст шудааст. Фоизи муайяни ҳолатҳое, ки роҳи гузаришашон номуайян мебошанд, диққатҷалбкунанда боқӣ мемонад.

6. Шумораи умумии сироятёфтагони вируси норасоии масунияти одам дар ҷумҳурӣ 11986 ҳодисаро ташкил дод, ки аз ин шумора 7698 (64,1 фоиз) дар байни мардон ва 4288 (35,8 фоиз) дар байни занон ба қайд гирифта шудааст. Аз рӯи маълумоти баҳодиҳӣ шумораи шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда 13000 нафарро метавонад ташкил диҳад, ҳамин тариқ шумораи аслии шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда (8756) 67,4% аз шумораи баҳодиҳии шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда дар ҷумҳуриро ташкил медиҳад.

7. Аз шумораи умумии сироятёфтагон бо сабабҳои гуногун 3230 нафар (26,9 фоиз) фавтида, шумораи шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда дар ҷумҳурӣ 8756 нафарро ташкил медиҳад, ки аз онҳо 87,7 фоиз (7678 нафар) таҳти назорати диспансерӣ қарор дошта, 80,6 фоиз (7055 нафар) табобати зиддиретровирусиро қабул менамоянд.

8. Дар давоми соли 2019 дар Тоҷикистон ҳамагӣ 1320 ҳодисаи нави сирояти вируси норасоии масунияти одам ба қайд гирифта шудааст, ки 101 ҳодиса камтар нисбати соли 2018 ва 115 ҳодиса зиёдтар нисбати соли 2017 мебошад. Дар соли 2019 аз шумораи умумии ҳолатҳои нав 772 нафарро мардон (58,5 фоиз) ва 548 нафарро занон (41,5 фоиз) ташкил медиҳанд. Дар солҳои охир тамоюли зиёдшавии сироятёфтагон дар байни занон ба назар расида, аз 30,9 фоиз дар соли 2011 то 41,5 фоиз дар соли 2019 баланд гардидааст.

9. Аз 1320 ҳодисаи нави вируси норасоии масунияти одам дар шаҳри Душанбе 248 ҳодиса (дар 100 ҳазор нафар аҳолӣ 29,3), 286 нафар ба шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (13,5), 372 нафар ба вилояти Суғд (14,0) ва 377 нафар ба вилояти Хатлон (11,5) рост меоянд. Сатҳи беморшавӣ ба вируси норасоии масунияти одам дар ҷумҳурӣ 14,5 нафарро дар 100 ҳазор нафар ташкил медиҳад.

10. Дар бештари ҳолатҳо ҳодисаи нави сирояти вируси норасоии масунияти одам дар байни калонсолон (18-сола боло) 84,7 фоиз, асосан дар гурӯҳи одамони 30-39-сола 32,9 фоиз (аз шумораи ҳамаи ҳодисаҳои нав) дарёфт гардиданд. 1,4 фоиз ҳодисаҳои нави вируси норасоии масунияти одам дар байни ҷавонону наврасони аз 15 то 18-сола ба қайд гирифта шудааст. Дар баробари ин, далели ташвишовар он аст, ки солҳои охир афзоиши бақайдгирии ҳодисаҳои нави вируси норасоии масунияти одам дар байни кӯдакон то 14-сола 14 фоиз ба назар мерасад.

11. Дар байни ҳамаи ҳодисаҳои нави вируси норасоии масунияти одам 388 ҳодиса (29,3 фоиз) дар марҳилаи дери беморшавӣ, яъне дар ҳолате, ки дар бемор нишонаҳои клиникӣ ё бемории пайдошудаи норасоии масуният ба мушоҳида мерасид, дарёфт карда шудааст. Аз

шумораи умумии аз нав дарёфтшудагон 87 нафар (6,6 фоиз) аз бемориҳои бо бемории пайдошудаи норасоии масуният вобаста ва дигар сабабҳо фавтидаанд. Маълумоти овардашуда аз дер муроҷиат намудани шаҳрвандон ба ташхиси вируси норасоии масунияти одам шаҳодат медиҳад.

12. Аз шумораи умумии (8756) шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда (калонсолон ва кӯдакон), 1991 нафар ба шаҳри Душанбе, 381 нафар ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, 1955 нафар ба шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, 1963 нафар ба вилояти Суғд ва 2466 нафар ба вилояти Хатлон рост меоянд. Паҳншавии сирояти вируси норасоии масунияти одам (дар 100 ҳазор аҳолӣ) дар ин минтақаҳо мувофиқан ба 235, 168, 92, 74 ва 75 нафар баробар аст. Сатҳи паҳншавии вируси норасоии масунияти одам дар ҷумҳурӣ 96 нафар дар 100 ҳазор нафарро ташкил медиҳад.

13. Роҳҳои асосии паҳншавии сироят дар байни ҳодисаҳои нав алоқаи ҷинсӣ 71,7 фоиз ва тазриқӣ 12,7 фоиз (асосан истифодаи маводи мухаддир бо роҳи тазриқӣ) ба шумор меравад, аз ҷумла:

- интиқоли вируси норасоии масунияти одам бо роҳи алоқаи ҷинсӣ дар бурриши минтақаҳо шаҳри Душанбе 49,6 фоиз, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 75,7 фоиз, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 67,8 фоиз, вилояти Суғд 88,2 фоиз ва вилояти Хатлон 72,7 фоиз;
- интиқоли вируси норасоии масунияти одам бо роҳи тазриқӣ дар шаҳри Душанбе 28,2 фоиз, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 18,9 фоиз, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 12,2 фоиз, вилояти Суғд 7,8 фоиз ва вилояти Хатлон 6,9 фоиз муайян гардидааст.

14. Шумораи ҳодисаҳои сирояти вируси норасоии масунияти одам бо роҳи аз модар ба кӯдак (роҳи амудӣ) тақрибан ду маротиба дар муқоиса бо солҳои қаблӣ зиёд гардидааст ва қуллаи баландтарини он ба 5,6 фоиз баробар буда, айни замон тамоюли пастшавии он ба мушоҳида мерасад.

15. Дар байни сироятшудагон фоизи муайянеро ҳолатҳои паҳншавии сирояти вируси норасоии масунияти одам бо роҳи номаълум ташкил медиҳад. Дар соли 2019 дар ҷумҳурӣ 161 чунин ҳодиса ё 12,2 фоиз аз шумораи умумии ҳодисаҳои нави вируси норасоии масунияти одам ба қайд гирифта шудааст. Роҳи сирояти номаълум 15 фоиз дар вилояти Хатлон, зиёда аз 20 фоиз дар шаҳри Душанбе ва наздики 18 фоиз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ рост меояд.

16. Тақсимоти беморон вобаста ба ҷинс ва синну сол нишон медиҳад, ки ҷинси мард 59 фоиз ва зан 41 фоизро ташкил медиҳанд. Ҳиссаи заноне, ки бо вируси норасоии масунияти одам дар давраи иҷроиши барнома 17 фоиз баланд шудааст. Қисмати бештари сироятёфтагон ба синну соли 30-39 рост меояд, ки он 36,8 фоизро дар бар мегирад. Дар байни шахсони бо вируси норасоии масунияти одам сироятёфтаи мардон ҳиссаи бештари он ба синну соли 30-39 ва

занони бо вируси норасоии масунияти одам сироятёфта дар синну соли 19-29 рост меояд. Ба синну соли репродуктивӣ (15-49-сола) 83,8 фоиз аз шумораи умумии сироятёфтагон рост меояд. Шумораи шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунандаи синни 0-14-сола 1022 нафарро ташкил медиҳад, ки он ба 11,7 фоиз аз шумораи умумии шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда баробар аст. Ҳамагӣ дар синну соли 0-18 (кӯдакон) 12,5 фоиз рост меояд. Ҳиссаи шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда аз 50-сола боло 5,7 фоиз ташкил медиҳад.

17. Дар ҷумҳурӣ тамоюл ба болоравии сироятёбии ҳодисаҳои нави вируси норасоии масунияти одам дар байни кӯдакони синну соли то 14-сола ба қайд гирифта мешавад. Дар солҳои охир шумораи ҳодисаҳои нави сирояти вируси норасоии масунияти одам дар байни кӯдакон зиёд гардида, аз 11,4 то 14,0 фоизи ҳамаи ҳодисаҳои нави сироятро ташкил додааст. Шумораи умумии кӯдакони то 15-солаи ба вируси норасоии масунияти одам сироятёфта ҳамагӣ 1179 нафар ё 9,8 фоизро шумораи умумии сироятёфтагон ташкил дод. Дар байни 139 нафар аз 184 ҳолати нав дарёфтшудаи кӯдакони синни то 14-сола бо вируси норасоии масунияти одам, модарони онҳо сироятёфтаи вируси норасоии масунияти одам набуданд. Чунин ҳолатҳо дар солҳои пешин низ ба қайд гирифта шуда буд. Роҳҳои сирояти вируси норасоии масунияти одам дар чунин ҳолатҳо ҳамчун роҳи номаълум ба қайд гирифта шудааст. Ҳамагӣ 695 ҳолати кӯдакони сироятёфтаи вируси норасоии масунияти одам бо роҳи номаълум бақайдгирифта шуда, ин аз шумораи умумии кӯдакони то синни 14-сола 58,9 фоизро ташкил медиҳад. Новобаста ба он, ки дар 695 ҳолат сабабҳои сироятёбӣ муайян карда нашуда бошад ҳам, омили гузариши сирояти вируси норасоии масунияти одам бо роҳи сироятёбии дохилибеморхонагиро истисно намекунад.

18. Дар байни гурӯҳҳои хатари зиёд дошта паҳншавии вируси норасоии масунияти одам дар байни нашъамандони тазриқӣ 8 фоиз ва дар байни шахсони расонандаи хизматҳои шаҳвонӣ 9 фоиз кам шуда, сатҳи паҳншавии беморӣ дар байни нашъамандони тазриқӣ 11,9 фоиз ва шахсони расонандаи хизматҳои шаҳвонӣ 3,2 фоизро ташкил медиҳад, ки барои дар солҳои оянда зарурати давом додани чорабиниҳои пешгирикунандаро дар байни ин гурӯҳҳо пайдо мекунад.

19. Истеъмоли маводи нашъадор бо роҳи тазриқӣ дар аввал ба рушди эпидемияи вируси норасоии масунияти одам дар Тоҷикистон мусоидат намуд. Тамоюли пастшавии бақайдгирии ҳолатҳои нави сироятёбӣ бо роҳи тазриқӣ ҳангоми истифодаи маводи нашъадор ба мушоҳида мерасад. Роҳи тазриқии сирояти вируси норасоии масунияти одам нисбати ҳамаи роҳҳои гузариш дар солҳои охир аз 21,4 фоиз то 10,1 фоиз (50 фоиз) паст шуда, бахри боз ҳам паст кардани сатҳи сироят бо ин роҳ бояд дар давраи иҷрои барномаи нав чораҳои зарурӣ андешида шаванд.

20. Паҳншавии вируси норасоии масунияти одам дар байни шахсони расонандаи хизматҳои шаҳвонӣ тамоюли пастшавии начандон калонро нишон дод, аз ҷумла аз 3,5 фоиз то 3,2 фоиз дар бар гирифт. Маълумоти тадқиқоти назорати дидбониро оид ба пастшавии паҳншавии сирояти вируси норасоии масунияти одам дар байни нашъамандони тазриқӣ ва шахсони расонандаи хизматҳои шаҳвонӣ натиҷаҳои гузаронидани назорати эпидемиологии ҷорӣ тасдиқ менамоянд. Ҳиссаи нашъамандони тазриқӣ ва шахсони расонандаи хизматҳои шаҳвонӣ дар байни ҳамаи бақайдгирифтагони ҳолатҳои нави вируси норасоии масунияти одам мувофиқан 10,1 фоиз ва 2,9 фоизро ташкил додааст.

21. Мутобиқи тадқиқотҳо сатҳи паҳншавии сирояти вируси норасоии масунияти одам дар байни маҳкумшудагон ба 8,4 фоиз, гепатити вирусии С ба 11,0 фоиз баробар мебошад. Нишондоди сатҳи баланди паҳншавии вируси норасоии масунияти одам ва гепатити С дар байни маҳбусон аз он шаҳодат медиҳад, ки қисми бештари иштирокчиёни тадқиқот истифодабарандагони маводи нашъавор бо роҳи тазриқӣ мебошанд.

22. Вазъи эпидемиологии нисбати паҳншавии вируси норасоии масунияти одам дар ҷумҳурӣ ташвишовар боқӣ мемонад. Дар айни замон, дар се соли охир шумораи ҳодисаҳои нав тақрибан дар як сатҳ боқӣ мемонад ва баландшавии ҳолатҳои нав ба қайд гирифта нашудааст. Тамоюли пастшавии сирояти вируси норасоии масунияти одам дар байни нашъамандони тазриқӣ ба назар мерасад. Дар айни замон ҳангоми муқоисаи шумораи шахсон аз гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ, ки аз ташхиси вируси норасоии масунияти одам гузаштаанд, чунин натиҷаҳо гирифта шудаанд:

- дар натиҷаи гузаронидани ташхиси якмаротибагии занони ҳомила аз 199602 ташхис 63 ҳолати нави сироятёбии вируси норасоии масунияти одам дарёфт шуда, ки 0,03 фоизро ташкил медиҳад;
- аз 30777 ташхиси гузаронидашуда дар байни нашъамандони тазриқӣ (аз ҷумла такроран) 87 ҳодисаи нави сироятёбӣ дарёфт карда шуд;
- аз 14011 ташхиси гузаронидашуда дар байни шахсони расонандаи хизматҳои шаҳвонӣ (аз ҷумла такроран) 38 ҳолати нав дарёфт карда шуд;
- дар байни 18253 муҳоҷири меҳнатӣ ташхис гузаронида шудааст, ки аз байни онҳо 225 ҳодисаи нави сироятёбӣ дарёфт шудааст, ки ин 1,23 фоизро ташкил медиҳад;
- дар натиҷаи гузаронидани чорабиниҳои пешгирикунанда ва зиддиэпидемикӣ дар ҷумҳурӣ марҳилаи ҷамъшавандаи эпидемия нигоҳ дошта мешавад.

§2. Ташхис ва машваратдиҳӣ оид ба вируси норасоии масунияти одам

23. Машваратдиҳӣ ва ташхиси ихтиёрӣ дар ташхисгоҳи марказҳои пешгирӣ ва мубориза бар зидди бемории вируси норасоии масунияти одам ва дигар муассисаҳои тиббии давлатӣ ва хусусии ҷумҳурӣ, инчунин дар заминаи ташкилотҳои ҷамъиятие, ки хизматрасониҳоро нисбати сирояти вируси норасоии масунияти одам мерасонанд, ба роҳ монда шудааст. Бо мақсади бештар фаро гирифтани намояндагони гурӯҳҳои дорои хатари баланд оид ба вируси норасоии масунияти одам дар ҷумҳурӣ, усули ташхис бо тестҳои фаврӣ бо истифода аз молишаки милк (луоби даҳон) ворид карда шуд. Инчунин, аз ҷониби Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аввалин маротиба усули худтесткунонӣ дар байни гурӯҳҳои калидӣ бо истифода аз тестҳои фаврии молишаки милк ба роҳ монда шудаст, ки чорабинии мазкур дар солҳои оянда дар қаламрави тамоми ҷумҳурӣ васеъ карда мешавад.

24. Фарогирии аҳолӣ бо ташхиси вируси норасоии масунияти одам зиёд шуд (2,1 маротиба), асосан ба вусъат додани хариди давлатии тестҳо барои ташхиси занони ҳомила ва шахсони никоҳшаванда, ташхиси намояндагони гурӯҳҳои осебпазир тавассути ташкилотҳои ҷамъиятие, ки ба хизматрасониҳои вируси норасоии масунияти одам вобастаанд, инчунин ворид намудани хизматрасониҳои музднок доир ба тесткунонии вируси норасоии масунияти одам барои дигар қишрҳои аҳолӣ алоқаманд мебошад. Ба ҳисоби миёна 63-77 фоиз занон аз ташхис гузаштаанд, дар ҳоле ки мардон 23-37 фоизро ташкил медиҳанд. Ҳиссаи заноне, ки аз ташхиси вируси норасоии масунияти одам гузаштаанд, аз шумораи умумии занон 14 фоизро ва мардоне, ки аз ташхис гузаштаанд, аз шумораи умумии мардон 8 фоизро ташкил медиҳад. Ҳамзамон, дар оянда зарурати ба ташхис фаро гирифтани муҳоҷирони меҳнатӣ, ки қисми зиёди онҳоро мардон ташкил медиҳанд, пайдо мегардад.

25. Дар қисмати ташхис ба вируси норасоии масунияти одам дар байни занҳои ҳомила солҳои охир таҷрибаи фаъоли харидории тестҳо барои ташхис аз ҳисоби буҷети давлатӣ ба роҳ монда шудааст. Мувофиқи пешгӯиҳо фарогирӣ бо ташхиси вируси норасоии масунияти одам дар байни занони ҳомила аз ҳисоби маблағҳои давлатӣ 100 фоизро ташкил хоҳад дод.

26. Дар маҷмӯъ фарогирии аҳолӣ бо ташхис ва машваратдиҳӣ оид ба вируси норасоии масунияти одам 11,6 фоизро ташкил дод. Дар навбати худ, новобаста ба миқдори зиёди аз ташхис гузаштагон сатҳи дарёфти ҳодисаҳои нав 0,1 фоизро ташкил медиҳад, ки аз зарурати истифодаи стратегияи нави тесткунонӣ шаҳодат медиҳад.

27. Нишондоди пасти фарогирӣ бо ташхиси вируси норасоии масунияти одам дар баъзе минтақаҳои ҷумҳурӣ, аз ҷумла дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 8 фоиз (мувофиқан шахсони ташхисшуда нисбати шумораи аҳолӣ), вилояти Суғд 9,8 фоиз ва вилояти Хатлон 10,2 фоиз дида мешавад.

28. Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавриди иҷозат додани машваратдиҳӣ ва ташхиси ихтиёрӣ дар заминаи ташкилотҳои ҷамъиятие, ки дар самти пешгирии вируси норасоии масунияти одам фаъолият мекунанд, фармоиш қабул намуд. Чунин ташаббус, дар оянда барои сари вақт ва ба пуррагӣ фаро гирифтани намояндагони гурӯҳҳои дорои хатари баланди сироятёбӣ бо ташхиси вируси норасоии масунияти одам мусоидат менамояд.

## 3. МУҚОВИМАТ, ОМИЛҲОИ МУСОИДАТКУНАНДА ВА МОНЕАГӢ ДАР МУҚОВИМАТ БА ВИРУСИ НОРАСОИИ МАСУНИЯТИ ОДАМ

### §1. Чорабиниҳои пешгирикунанда дар муқовимат ба вируси норасоии масунияти одам

29. Дар Тоҷикистон шумораи беморони нашъаманд, ки дар қайди марказҳои наркологӣ қарор доштанд, ба 5375 нафар баробар шуд, ки аз онҳо 5260 нафар (97,9 фоиз) мардон ва 115 нафар (2,1 фоиз)-ро занон ташкил дода, зиёда аз 54 фоизи онҳо нашъамандони тазриқӣ мебошанд.

30. Мутобиқи тадқиқотҳои гузаронида шуда, шумораи тахминии нашъамандони тазриқӣ 22200 нафарро ташкил дод, ки 900 нафар камтар нисбати солҳои пештара (23100 нафар) мебошад. Мувофиқи ҳамин маълумот танҳо 36,8 фоизи нашъамандони тазриқӣ хабар додаанд, ки дар қайди диспансерии наркологӣ қарор доранд. Дар баробари ин, пастшавии сироятёбии вируси норасоии масунияти одам бо роҳи тазриқӣ ҳангоми истифодаи ғайритиббии маводи нашъадори тазриқӣ дар таркиби ҳолатҳои нави вируси норасоии масунияти одам аз 21,4 фоиз то 10,1 фоиз дида мешавад.

31. Бо хизматрасониҳои нуқтаҳои боварӣ барои нашъамандони тазриқӣ ё нуқтаҳои мубодилаи сӯзандору ҳамагӣ 14715 нафар, машваратдиҳӣ ва тесткунонии ихтиёрӣ оид ба вируси норасоии масунияти одам 19609 нашъаманди тазриқӣ фаро гирифта шуданд, ки аз шумораи тақрибии ин гурӯҳ 88,3 фоизро ташкил медиҳад. Миқдори миёнаи сӯзандоруи тақсимшуда ба як нашъаманди тазриқӣ дар 1 сол ба 275 адад баробар шуд, ки нисбати дигар солҳо хело баланд мебошад. Дар барномаи нав пурзӯр намудани чорабиниҳои мазкур, аз ҷумла зиёд намудани шумораи тақсимоти сӯзандоруҳо ва сари вақт фаро гирифтани нашъамандони тазриқӣ бо ташхиси ихтиёрӣ пешбинӣ мегардад.

32. Мутобиқи маълумоти тадқиқоти назорати дидбонии эпидемиологӣ сатҳи баланди рафтори хавфнок дар байни нашъамандони тазриқӣ боқӣ мемонад, аз ҷумла:

- истифодаи сӯзандоруи шахси дигар 18,5 фоиз ва дар 30 рӯзи охир 1,7 фоизро ташкил медиҳад;
- 52 фоиз истифодаи асбобҳои тазриқии таъмизшуда ҳангоми тазриқи охирин ва 38 фоиз истифодаи рифоларо ишора намуданд;

- 37,6 фоиз ҳангоми алоқаи ҷинсии охирин дар 30 рӯзи охир рифола истифода бурдаанд;

- ҳиссаи шахсоне, ки ҳадди ақал як маротиба нишонаҳои сирояти тавассути алоқаи ҷинсӣ гузаронандаро доштанд, 8,6 фоиз ташкил медиҳад, ки аз онҳо танҳо 43,3 фоиз ба кумаки тиббӣ муроҷиат намудаанд;

- фарогирӣ бо барномаҳои пешгирикунанда 55,7 фоиз ва бо ташхиси вируси норасоии масунияти одам 57,3 фоизро ташкил медиҳад, ки аз онҳо танҳо 61,5 фоиз натиҷаҳои ташхиси худро гирифтаанд.

33. Дар Барнома табобати ҷойивазкунандаи опиоидӣ дар 13 марказ пешниҳод карда мешавад, ки бо усули як равзана бо пешниҳоди бастаи маҷмӯи хизматрасонӣ оид ба вируси норасоии масунияти одам ва табобати бемории сил фаъолият менамояд. Дар ҷумҳурӣ ҳамагӣ 638 нашъаманди тазриқӣ бо табобат фаро гирифта шудаанд, ки аз онҳо 607 мард ва 31 зан мебошанд, ки ин нокифоя мебошад. Барномаи мазкур баҳри зиёд намудани нуқтаҳои пешниҳоди табобати ҷойивазкунанда ва ҳамзамон зиёд намудани шумораи шахсони гирандагони табобати мазкур шароити мусоид фароҳам меоварад.

34. Диққати асосӣ ба пешниҳоди барномаҳои пешгирикунанда ба шарикони ҷинсии нашъамандони тазриқӣ бояд дод. Дар байни нашъамандони тазриқӣ 5 фоизи шарикони ҷинсии онҳо нашъамандони тазриқӣ мебошанд, ки ҳар сеяки онҳо дар бораи вазъи (статуси) вируси норасоии масунияти одами шарики ҷинсии худ маълумот доранд.

35. Шумораи тахминии шахсони расонандаи хизматҳои шаҳвонӣ дар айни замон 17500 нафарро ташкил медиҳад. Паҳншавии вируси норасоии масунияти одам дар байни шахсони расонандаи хизматҳои шаҳвонӣ дар солҳои охир тахминан дар як сатҳ қарор дорад.

36. Сатҳи баланди рафтори хавфноки шахсони расонандаи хизматҳои шаҳвонӣ дар ҷумҳурӣ боқӣ мемонад, аз ҷумла:

- 45,7 фоизи шахсони расонандаи хизматҳои шаҳвонӣ дар 30 рӯзи охир аз рифола истифода бурданд, 30,5 фоиз ба нишонаҳои гуногуни бемориҳои тавассути алоқаи ҷинсӣ гузаранда гирифтор шудаанд, ки аз онҳо танҳо 68,7 фоизашон барои гирифтани кумаки тиббӣ муроҷиат намудаанд;

- 8,4 фоизи шахсони расонандаи хизматҳои шаҳвонӣ алоқаи ҷинсӣ бо нашъамандони тазриқӣ доштаанд, ки дар байни онҳо 11,4 фоиз бо сирояти вируси норасоии масунияти одам дарёфт карда шуд. Ин нишондод аз нишондоди шахсони расонандаи хизматҳои шаҳвонӣ, ки алоқаи ҷинсӣ бо нашъамандони тазриқӣ надоштанд, 2,5 фоиз зиёд мебошад;

- байни шахсони расонандаи хизматҳои шаҳвонӣ, шахсоне вомехуранд, ки нашъамандони тазриқӣ мебошанд ва паҳншавии вируси норасоии масунияти одам дар байни онҳо 9,1 фоизро ташкил

медиҳад. Дар ҳоле, ки шахсони расонандаи хизматҳои шаҳвонӣ, ки нашъамандони тазриқӣ нестанд, паҳншавии вируси норасоии масунияти одам 3,1 фоизро ташкил медиҳад;

- 41 фоиз шахсони расонандаи хизматҳои шаҳвонӣ бо барномаҳои пешгирикунанда фаро гирифта шудаанд, 47,3 фоиз дар як соли охир аз ташхиси вируси норасоии масунияти одам гузаштанд ва танҳо 48,5 фоизи онҳо натиҷаи ташхиси худро гирифтаанд.

37. Осебпазирии баланди шахсони расонандаи хизматҳои шаҳвонӣ ба омилҳои зерин вобаста мебошад:

- маҳдудият дар дастрасии хизматрасониҳои тиббӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ, истифодабарии шаҳвонӣ ва савдои одамон;

- маҳдудият дар дастрасии маълумот ва маводи пешгирикунандаи сироятҳо, криминилизатсия, табъизу тамѓагузорӣ ва маргинилизатсия, истифодаи аз меъёр зиёди маводи нашъадор ва машруботи спиртӣ, зӯроварӣ.

38. Масъулияти маъмурӣ нисбати шахсони расонандаи хизматҳои шаҳвонӣ пурзӯр карда шуд, ки боиси ҳароси онҳо гашта, барои дасткашӣ аз ташхиси ихтиёрии вируси норасоии масунияти одам ва табобат ҳангоми натиҷаи мусбат арзёбӣ шудан мусоидат менамояд. Бо мақсади паст намудани дасткашӣ аз ташхис ва табобати ихтиёрӣ дар солҳои минбаъда пурзӯр намудани яккатор чорабиниҳо оид ба ин масъала ташкил ва гузаронида мешаванд.

39. Новобаста аз он, ки паҳншавии вируси норасоии масунияти одам дар байни шахсони расонандаи хизматҳои шаҳвонӣ дар сатҳи на он қадар баланд боқӣ мемонад, сатҳи баланди рафтори хавфноки онҳо водор месозад, ки маҷмӯи чорабиниҳои пешгирикунандаи босифат дар байни ин гурӯҳ пурзӯр карда шавад.

40. Дар байни гурӯҳи дорои хатари баланд сатҳи паҳншавии вируси норасоии масунияти одам 2,3 фоизро ташкил медиҳад. Сатҳи фарогирӣ бо ташхиси ин гурӯҳҳо 39 фоиз ва фарогирӣ бо барномаҳои пешгирикунанда 89 фоизро ташкил медиҳад. Зиёда аз 70 фоизи намояндагони ин гурӯҳ истифодаи рифоларо ҳангоми алоқаи ҷинсӣ тасдиқ кардаанд. Аммо бо дар назар доштани сатҳи баланди табъиз дар ҷамъият нисбати ин гурӯҳ эҳтимол сатҳи паҳншавии вируси норасоии масунияти одам бебаҳо боқӣ мемонад ва паҳншавии сирояти вируси норасоии масунияти одам дар ин гурӯҳ пинҳон боқӣ мемонад.

41. Яке аз чорабиниҳои самараноки пешгирикунандаи вируси норасоии масунияти одам дар сатҳи ҷаҳонӣ ин таъин намудани табобати пешгирикунандаи пеш аз тамос мебошад. Ташкилоти Умумҷаҳонии Тандурустӣ ба шахсоне, ки хатари баланди сироятёбии вируси норасоии масунияти одамро доранд, табобати мазкурро тавсия медиҳад. Дар ҷумҳурӣ дар давраи иҷрои барномаи нав ташкил ва гузаронидани табобати пешгирикунандаи пеш аз тамос пешбинӣ карда мешавад.

42. Тибқи маълумоти тадқиқоти назорати дидбонии эпидемиологӣ сатҳи паҳншавии сирояти вируси норасоии масунияти одам дар байни маҳкумшудагон 8,4 фоиз, гепатити вирусии С ба 11,0 фоизро ташкил дод. Нишондодҳои баланди паҳншавии вируси норасоии масунияти одам ва гепатити С аз он шаҳодат медиҳад, ки қисми зиёди иштирокчиёни тадқиқот нашъамандони тазриқӣ мебошанд. Ҷиҳати паст намудани сатҳи сироятёбии маҳкумшудагон бо ин бемориҳо дар муассисаҳои ислоҳӣ гузаронидани чорабиниҳои пешгирикунанда ва тадқиқотҳои иловагӣ пешбинӣ кардан зарур аст.

43. Шумораи шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда дар муассисаҳои ислоҳӣ 161 нафар, аз ҷумла 158 мард ва 3 занро ташкил додааст. Дар муассисаҳои ислоҳӣ 14760 нафар аз ташхис гузаронида шудааст, ки 122 ҳодисаи нави сирояти вируси норасоии масунияти одам дарёфт шуд. Барои сари вақт фаро гирифтани маҳкумшудагон бо ташхис ва табобати зиддиретровирусӣ дастрасии ин хизматрасониҳо дар ҳамаи муассисаҳои ислоҳӣ васеъ карда мешаванд.

44. Дар айни замон 3 нуқтаи мубодилаи сӯзандоруҳо ва 2 нуқтаи табобати ҷойивазкунандаи опиоидӣ дар муассисаҳои ислоҳӣ фаъолият намуда, ба маҳкумшудагон 23500 рифола, 3500 маводи таълимию иттилоотӣ тақсим карда, мунтазам чорабиниҳои таълимӣ оид ба пешгирии вируси норасоии масунияти одам гузаронида мешаванд.

§2. Чораҳои пешгирикунанда дар байни муҳоҷирони меҳнатӣ

45. Мутобиқи маълумотҳо тахминан 480 ҳазор шаҳрвандони Тоҷикистон берун аз ҷумҳурӣ ба дигар давлатҳо бо мақсади ба даст овардани маблағ мераванд. Аз рӯи маълумоти Бонки умумиҷаҳонӣ дар ҳар як чорум хоҷагӣ дар Тоҷикистон ҳади ақал як муҳоҷире ҳаст, ки ба дигар давлат барои баланд бардоштани даромаднокии оила ба муҳоҷират меравад. Ин омил дар оянда яке аз асосҳои ривоҷ ёфтани ин беморӣ мегардад.

46. Аз шумораи умумии шахсони бо вируси норасоии масунияти одам бақайдгирифташуда ҳиссаи шахсоне, ки таҷрибаи муҳоҷирати байналмилалӣ доранд, 12 фоизро ташкил мекунад. Шумораи ҳодисаҳои нави вируси норасоии масунияти одам дар байни муҳоҷирони меҳнатӣ аз 12,4 фоиз то 17 фоиз баланд шудааст.

47. Роҳи асосии паҳншавии сироят дар байни муҳоҷирони меҳнатӣ алоқаи ҷинсӣ (93,4 фоиз) боқӣ мемонад. Маълумоти солҳои охир нишон дод, ки ҳамсарони қисми бештари занони ҳомиладори сироятёфтаи вируси норасоии масунияти одам дар солҳои қаблӣ дар муҳоҷирати меҳнатӣ буданд ва онҳо низ сироятёфтаи вируси норасоии масунияти одам мебошанд.

48. Сатҳи паҳншавии вируси норасоии масунияти одам дар байни муҳоҷирони меҳнатӣ 0,4 фоизро ташкил медиҳад, ки аз паҳншавии ин

сироят дар байни аҳолии умумӣ, ки мувофиқи баҳодиҳии Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ 0,3 фоиз (15-49-сола) мебошад, зиёд мебошад, аз ҷумла:

- паҳншавии бемории оташак 1,2 фоиз ва гепатити вирусии С 3 фоиз;

- паҳншавии вируси норасоии масунияти одам дар байни муҳоҷироне, ки гепатити С доранд, нисбатан зиёд (13,2 фоиз) мебошад, нисбати шахсони сироятёфтаи вируси норасоии масунияти одам, ки гепатити С надоранд (0,4 фоиз);

- 7 фоизи муҳоҷирон таҷрибаи истеъмоли маводи нашъаоварро доранд, ки аз он 23,4 фоиз ба таври тазриқӣ истеъмол менамуданд ва 1,2 фоиз маводи нашъаоварро бо роҳи тазриқӣ дар муҳоҷират истеъмол менамуданд;

- 45 фоизи мардон ва 10 фоизи занон дар муҳоҷират шарикони ҷинсии муваққатӣ доштанд;

- 24 фоизи мардон ва 14,4 фоизи занон дар муҳоҷират шарикони ҷинсии тиҷоратӣ доштанд;

- 25,1 фоизи занон ва 51,2 фоизи мардон ҳангоми алоқаи ҷинсии охирин истифодаи рифоларо тасдиқ намуданд.

49. Вазъи саломатӣ барои муҳоҷирони меҳнатӣ дуюмдараҷа ҳисобида мешавад. Пайравии муҳоҷирон ба табобати зиддиретровирусӣ бо сабаби баланд будани табъиз ва тамғагузорӣ, аз ҷумла дар давлатҳои қабулкунандаи муҳоҷирон хеле паст мебошад. Дар ин раванд, ҳамкориҳо бо ташкилотҳои давлатию ҷамъиятии давлатҳои қабулкунандаи муҳоҷирони тоҷик пурзӯр карда мешаванд.

50. Ҳамасола аз ҷониби Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон чорабиниҳои фаҳмондадиҳӣ дар байни муҳоҷирони меҳнатӣ гузаронида мешаванд. Инчунин нақшаи муштараки Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пешгирии бемории сил ва вируси норасоии масунияти одам дар байни муҳоҷирон барои солҳои 2017-2020 амалӣ гардонида шуда истодааст. Бо чорабиниҳои фаҳмондадиҳӣ 328 ҳазор нафар аҳолии ҷумҳурӣ фаро гирифта шуданд, ки ингуна чоранибиҳо дар давоми солҳои амалигардонии барнома идома меёбанд.

51. Аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ ва созмонҳои байналмилалӣ 163 ҳазор маводи таълимию иттилоотӣ оид ба пешгирӣ ва ташхиси сирояти вируси норасоии масунияти одам дар байни муҳоҷирони меҳнатӣ тақсим карда шуданд. Бо дастгирии шарикони рушд барномаи кумаки техникӣ дар самти пешгирӣ, назорат ва дидбонӣ нисбати вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният ва дигар бемориҳои сироятӣ амалӣ шуда истодааст, ки 15 ҳуҷраи дӯстона ва 4 дармонгоҳи сайёр барои муҳоҷирони меҳнатӣ

фаъолият намуда, дар солҳои минбаъда низ оид ба чорабиниҳои мазкур фаъолият равона карда мешавад.

52. Дар навбати худ, мушкилиҳо оид ба пешниҳоди хизматрасониҳо оид ба вируси норасоии масунияти одам дар байни муҳоҷирони меҳнатӣ вуҷуд доранд. Аз ҷумла:

- ройгон набудани ташхиси вируси норасоии масунияти одам барои муҳоҷирон дар кишвар;
- муҳоҷирони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда, аз сабаби табъиз ва тамғагузорӣ дар ҷомеа, инчунин надоштани маълумот оид ба ройгон будани табобати вируси норасоии масунияти одам дар кишвари худ барои бозгаштан шитоб намекунанд;
- ёрии тиббӣ дар давлатҳои қабулкунандаи барои муҳоҷирон одатан музднок мебошад.

53. Дар Тоҷикистон шумораи ҷавонони синни 15-24-сола ба 1760000 нафар баробар шуд, ки 19,3 фоизро аз шумораи умумии аҳолии кишвар (9126,6 млн нафар) ташкил медиҳад. Тибқи маълумотҳо ҳамагӣ 1095 шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунандаи дар синни 15-24-сола ба қайд гирифта шудааст. Солҳои охир тамоюли баландшавии бақайдгирии ҳолатҳои нави сироят дар ин гурӯҳи аҳолӣ дида мешавад.

54. Тавре аз натиҷаи тадқиқоти миллӣ оид ба муайянсозии сатҳи маълумотнокӣ, таҷриба ва рафтор оид ба пешгирии сирояти вируси норасоии масунияти одам дар байни аҳолии 15-49-солаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, танҳо 50 фоизи пурсидашудагони синни 15-24-сола оид ба роҳҳои сироятӣ ва пешгирии вируси норасоии масунияти одам дуруст ҷавоб дода тавонистанд. Фоизи ҷавонони (15-24-сола), ки пеш аз 15-солагӣ алоқаи ҷинсӣ доштанд, 1,1 фоиз буд. Истифодабарии рифола аз ҷониби ҷавонон ҳангоми алоқаи ҷинсии хатари баланддошта 70 фоизро ташкил медиҳад, ки ин боиси пурзӯр намудани чорабиниҳои маърифатию пешгирикунанда мегардад.

55. Солҳои охир ҳиссаи занон дар байни ҳолатҳои нави дарёфтшуда бо вируси норасоии масунияти одам меафзояд, аз ҷумла:

- ҳиссаи занон дар байни шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда дар Тоҷикистон дар солҳои охир аз 5 фоиз ба 40 фоиз баланд шудааст;
- шумораи ҳолатҳои нав дар байни занони дар синни 19-29-сола аз нишондоди шумораи мардон зиёд мебошад;
- зиёда аз 80 фоизи занон бо роҳи алоқаи ҷинсӣ сироят ёфтаанд;
- аз шумораи сироятёфтагони вируси норасоии масунияти одам дар байни муҳоҷирон 11,6 фоизашон занон мебошанд;
- танҳо 12 фоизи занони ҷавони синни 15-24-сола ба саволи усулҳои пешгирии гузариши вируси норасоии масунияти одам бо роҳи алоқаи ҷинсиро дуруст нишон додаанд;
- фоизи занони ҷавон, ки дониши мукаммал оид ба вируси норасоии масунияти одам доранд, аз 9 то 12 фоиз баланд шудааст;

- 1 фоизи занони синни 15-24-сола алоқаи ҷинсӣ то синни 15-сола ва 7 фоизи занони ҷавони синни 18-24-сола алоқаи ҷинсӣ дар синни то 18-сола доштаанд;

- 2 фоизи занони синни 15-49-сола ягон маротиба ба хушунати ҷинсӣ ва 1 фоизи онҳо ин хушунатро дар давоми 12 моҳи пеш аз тадқиқот рӯ ба рӯ шудаанд;

- занон бисёртар ба хушунати ҷисмонӣ (25 фоиз), эмотсионалӣ (16 фоиз) дучор мешаванд, нисбати хушунатҳои ҷинсии оилавӣ (2 фоиз);

- дар Тоҷикистон занони бо сирояти вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда бештар (95 фоиз) бо табъиз рӯ ба рӯ мешаванд.

56. Осебпазирии баланди ҷавонон ва пеш аз ҳама занони ҷавон ва духтарон барои сироятёбии вируси норасоии масунияти одам мусоидат мекунад. Чорабиниҳои гузаронидашуда дар ҷумҳурӣ оид ба пешгирии вируси норасоии масунияти одам дар байни ҷавонон ба баланд бардоштани сатҳи маълумотнокӣ ва дониши мукаммал оид ба пешгирии вируси норасоии масунияти одам дар байни ҷавонон ва васеъ намудани дастрасии ҷавонон ба хизматрасониҳо вобаста ба вируси норасоии масунияти одам нигаронида мешаванд.

57. Тибқи маълумоти Кумитаи ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мунтазам чорабиниҳои оммавии маълумотдиҳӣ, аксияҳо, мизҳои муддавар ва маслиҳатдиҳӣ оид ба тарзи ҳаёти солим, пешгирии сирояти вируси норасоии масунияти одам, зарурати тесткунонии вируси норасоии масунияти одам, тайёр намудани машваратчиёни баробар ташкил ва гузаронида, 615392 ҷавонон бо ин чорабиниҳо фаро гирифта шуда, 66795 маводи ахборӣ тақсим карда шуд. Гузаронидани чунин чорабиниҳо аз тарафи кумитаи зикргардида дар оянда низ дар чаҳорчубаи амалигардонии барномаи мазкур идома дода мешаванд.

58. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ дар доираи соатҳои тарбиявӣ масъалаҳои пешгирии вируси норасоии масунияти одамро мувофиқи барномаи тасдиқгардидаи алоҳида ворид намудааст. Дар барномаи такмили ихтисоси омӯзгонорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ масъалаҳои ташаккули тарзи ҳаёти солим, маълумот дар бораи роҳҳои гузариш ва чораҳои пешгирикунандаи вируси норасоии масунияти одам ворид карда шудаанд. Масъалаи пешгирии вируси норасоии масунияти одам ва беморации пайдошудаи норасоии масуният дар Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шудааст. Идома додани чорабиниҳои мазкур барои самаранокии барномаи нав такони ҷиддӣ медиҳад.

59. Зарурати қабул намудани чорабиниҳои самаранок барои паст намудани осебпазирии ҷавонон ва наврасон пеш аз ҳама занони ҷавон ва духтарон, васеъ намудани дастрасӣ ба дониши сифатнок, тесткунонии ихтиёрӣ оид ба вируси норасоии масунияти одам, дастаи маҷмӯи хизматрасониҳои вируси норасоии масунияти одам, барнома

оид ба муҳофизати солимии репродуктивӣ ва ҷинсӣ, ки ба ҷавонон имконият медиҳад, ки малака, дониш ва имконият барои муҳофизати худ аз вируси норасоии масунияти одам пеш омадааст.

60. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қатори 30 давлати ҷаҳон бо сатҳи баланди таваллуд, ки 2,5-3,9 кӯдак ба 1 зан рост меояд, ворид мегардад. Ҳамасола шумораи занони ҳомила зиёда аз 230 ҳазор нафарро ташкил медиҳад. Ташхиси вируси норасоии масунияти одам дар байни занони ҳомила як маротиба дар давраи антинаталӣ ва дубора дар ҳолате, ки агар хавфи сирояти вируси норасоии масунияти одам вуҷуд дошта бошад, гузаронида мешавад.

61. Дар ҷумҳурӣ дар айни замон зиёда аз 85 фоизи занони ҳомила аз ташхиси вируси норасоии масунияти одам мегузаранд. Сабабҳои асосии ба пуррагӣ фаро нагирифтани занони ҳомила бо ташхиси вируси норасоии масунияти одам ин нарасидани маблағҳо барои харидорӣ намудани маводи ташхисӣ ва сари вақт ба қайд нагирифтани занони ҳомила, дар баъзе маҳалҳои дурдаст мебошад.

62. Дар соли 2019 шумораи занони ҳомила, ки мубталои вируси норасоии масунияти одам мебшанд, 194 нафарро ташкил дод (аз онҳо 63 ҳодисаи нав), ки аз ин шумора 189 нафар (97,4 фоиз) ба табобати зиддиретровирусӣ ва табобати пешгирии интиқоли вируси норасоии масунияти одам аз модар ба кӯдак фаро гирифта шуданд. Пешгирии интиқоли вируси норасоии масунияти одам аз модар ба кӯдак дар 5 ҳолат занони ҳомила фаро гирифта нашудаанд, ки аз он 3 ҳолат дар вақти таваллуд дарёфт шудааст.

63. Зиёдшавии шумораи ҳодисаҳои нави сирояти вируси норасоии масунияти одам дар байни кӯдакони бо роҳи аз модар ба кӯдак сироятёфта боиси нигаронист, аз ҷумла дар байни модароне, ки бо ҳамаи чорабиниҳои барномаи пешгирикунанда фаро гирифта шуда буданд. Аз давраи ворид намудани барномаи табобати пешгирикунанда то айни ҳол 23 чунин ҳолат ба қайд гирифта шудааст, ки 2,7 фоизро аз шумораи умумии кӯдакони таваллудшуда (23 аз 841 нафар) аз модарони дорои сирояти вируси норасоии масунияти одам ташкил медиҳад. Новобаста аз зина ба зина паст шудани гузариш бо роҳи аз модар ба кӯдак (аз 5,6 то 4,0 фоиз) дар байни ҳамаи ҳолатҳои бақайдгирифташуда, ин нишондод дар сатҳи баланд боқӣ мемонад.

64. Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаҳои гузошташударо оид ба қатъшавии роҳи гузариши вируси норасоии масунияти одам аз модар ба кӯдак ба даст наовардааст ва зарур аст, ки ҳамаи сабабҳои гузариши вируси норасоии масунияти одам аз модар ба кӯдак дар ҳар як ҳолат мавриди омӯзиши дақиқ қарор дода шавад. Омилҳое ҳастанд, ки ба амалӣ намудани барномаи пешгирии интиқоли вируси норасоии масунияти одам аз модар ба кӯдак таъсири худро мерасонанд. Аз ҷумла:

- шумораи зиёди таваллуд ва бапуррагӣ фаро нагирифтани занони ҳомила ба ташхиси вируси норасоии масунияти одам;

- ҳолатҳои дер бақайдгирии занони ҳомиладор ва оғози нигоҳубини пеш аз таваллуд;

- норасоии маводи ташхисӣ, номукаммалии арзёбӣ, идоракунии таъмин ва тақсимоти маводи ташхисӣ;

- сатҳи таваллуди хонагӣ 6,6 фоизро ташкил додааст;

- камбудии шароит дар ташхиси барвақтии навзодон.

65. Таъмини миқдори зарурии хуни бехатар яке аз қисмҳои ҷудонашавандаи сиёсати миллӣ ва инфрасохтори тандурустии ҳар як мамлакат ба шумор меравад. Тибқи маълумот ҳамагӣ 49000 намунаи хуни донорӣ аз ташхиси вируси норасоии масунияти одам гузаронида шудаанд, ки аз он дар 8 ҳолат сирояти вируси норасоии масунияти одам ошкор карда шуд. Ҳолатҳои охирини интиқоли сирояти вируси норасоии масунияти одам дар натиҷаи хунгузаронӣ дар соли 2008 ба қайд гирифта шудааст, ки баъди ин ҳодиса дар ҷумҳурӣ ягон ҳолати сироятёбӣ тариқи хунгузаронӣ ва ҷузъҳои он ба қайд гирифта нашудааст.

66. Бо мақсади таъмини бехатарӣ ва сифати хун дар оянда системаи электронии хадамоти хун ҷорӣ карда мешавад. Назорати сироятҳо дар маводи хун дар ташхисгоҳи сироятҳои трансмиссивӣ (вируси норасоии масунияти одам, гепатитҳо, оташак) таъмин карда мешавад. Дар ҷумҳурӣ системаи мунтазами донории хун, инактиватсияи вирусҳо, карантинкунонии хун, усулҳои автоматикии ташхиси хуни донорӣ барои дарёфти барангезандагони сироятҳо ҷорӣ карда мешаванд.

67. Дар ҷараёни таъмини бехатари хун истифодаи самараноки он дар муассисаҳои табобатӣ аҳамияти калон дорад. Чунки таҷриба нишон медиҳад, ки ҳолатҳои хунгузаронӣ дар сурати мавҷуд набудани нишондодҳои тиббӣ ва истифодаи усулҳои хатарноки хунгузаронӣ ба беморон ҷой дорад, ки он дар навбати худ метавонад сабаби пайдошавии оризаҳои вазнин ба хунгузаронӣ ва гирифторшавӣ ба сироятҳои тавассути хун гузаранда гардад.

68. Тибқи ҳисоботҳо фоизи муайян ба сирояти вируси норасоии масунияти одам ба роҳи номаълум рост меояд. Дар соли 2015 ҳамагӣ 110 ҳодиса, соли 2016 101 ҳодиса, соли 2017 96 ҳодиса, соли 2018 115 ҳодиса ва дар соли 2019 161 ҳодиса бо роҳи гузариши номаълум ба қайд гирифта шудааст, ки 12,2 фоизро аз шумораи умумии сироятёфтагони ҳолатҳои нав ташкил медиҳад. Дар соли 2019 фоизи баланди бақайдгирии роҳи гузариши номаълум дар шаҳри Душанбе (20 фоиз), шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (наздики 18 фоиз) ва дар вилояти Хатлон (15 фоиз) ташкил медиҳад.

69. Ҳолатҳои бақайдгирии сирояти вируси норасоии масунияти одам бо роҳи номаълум дар байни кӯдакони то синни 15-сола диққатҷалбкунанда мебошад. Аз 161 ҳодисаи вируси норасоии масунияти одам, ки роҳи гузаришашон номаълум буд, 139 ҳолат дар байни кӯдакони то синни 15-сола (86,3 фоиз) ташкил медиҳад. Ин

рақамҳо метавонанд бавосита мутаносиби маълумот оид ба болоравии ҳолатҳои вируси норасоии масунияти одам дар байни кӯдакони то синни 15-сола бошанд. Аз шумораи умумии ҳолатҳои вируси норасоии масунияти одам дар байни кӯдакони аз 15-сола хурд (1179 нафар) 474 ҳодиса (40,2 фоиз) аз модарони сироятёфтаи вируси норасоии масунияти одам таваллуд шудааст. Дар байни падару модарони 695 кӯдаки боқимонда сирояти вируси норасоии масунияти одам дарёфт карда нашудааст. Ҷиҳати паст намудани сатҳи сироятёбии кӯдакон бо роҳи «амудӣ» гузаронидани маҷмуи чорабиниҳои пешгирикунанда дар байни занони ҳомила ва кӯдакони навзод барои пешгирии ин роҳи сироят ба нақша гирифта мешавад.

70. Ҳангоми гузаронидани таҳлили ретроспективӣ дар бисёри ҳолатҳо дар беморхонаҳо табобат ва қабули амалиётҳои тазриқӣ ба қайд гирифта шудааст. Ба ин нигоҳ накарда, ки сабабҳои сироятёбӣ муайян карда нашудааст, аммо омили сирояти дохилибеморхонагӣ вируси норасоии масунияти одам истисно карда намешавад. Вобаста ба таҳлилҳои боло диққати махсусро дар ояндаи наздик ба беҳтар намудани назорати сирояти дохилибеморхонагӣ (нозокоминалӣ) дар муассисаҳои табобатӣ додан лозим мебошад.

§3. Таҳлили вазъият оид ба пешниҳоди нигоҳубин ва табобат

71. Шумораи умумии фавт дар байни шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда (аз сабабҳои гуногун) дар тамоми давраи назорат 3230 нафарро ташкил дод, ки 26,9 фоизро аз шумораи умумии ҳодисаҳои вируси норасоии масунияти одам ташкил медиҳад.

72. Шумораи умумии ҳолатҳои фавт дар байни шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда дар шаҳри Душанбе 612 нафар (23,5 фоиз), Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 303 нафар (44,3 фоиз), шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 602 нафар (23,5 фоиз), вилояти Суғд 800 нафар (29 фоиз) ва вилояти Хатлон 913 нафар (27 фоиз) мебошад. Шумораи умумии фавтидагон (бо сабабҳои гуногун) дар ҷумҳурӣ дар 5 соли охир ҳамагӣ 1834 нафарро ташкил дод, ки аз ин шумора 842 нафар аз бемории пайдошудаи норасоии масуният (45,9 фоиз) фавтидаанд. Барои паст намудани сатҳи фавти беморон дар барномаи нав пурзӯр намудани маҷмӯи чорабиниҳо оид ба пешгирӣ, нигоҳубин ва табобат вобаста ба сирояти вируси норасоии масунияти одам ба нақша гирифта мешавад.

73. Тибқи маълумот сатҳи фарогирии шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда бо назорати диспансерӣ 87,7 фоизро ташкил медиҳад. Сатҳи баланди назорати диспансерӣ дар байни кӯдакон 98,6 фоизро ташкил медиҳад.

74. Мувофиқи маълумот аз шумораи умумии шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда (8756 нафар) 7055 нафар табобати зиддиретровирусиро мегиранд, ки 80,6 фоизро ташкил медиҳад. Фарогирии шахсони бо вируси норасоии масунияти одам

зиндагикунандае, ки дар назорати диспансерӣ қарор доранд (7678 нафар) ва табобати зиддиретровирусиро мегиранд (7055 нафар), дар айни замон 91,9 фоизро ташкил медиҳад. Аз 1320 нафар беморони навдарёфтшуда 1271 нафар зери назорати диспансерӣ қарор дошта, ба 1199 нафари онҳо (90,8 фоиз) табобати зиддиретровирусӣ таъин карда шудааст. Дар 3 соли охир ҳамагӣ 1321 бемор бо сабабҳои гуногун табобати худро қатъ намуданд.

75. Теъдоди зиёди кӯдакони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунандаи то синни 18, ки дар назорати диспансерӣ қарор доранд, табобати зиддиретровирусии худро давом дода истодаанд (97,1 фоиз), дар ҳоле, ки ин нишондод дар байни калонсолон 78,4 фоизро ташкил медиҳад.

76. Ҳамагӣ 14 фоизи шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда дар синни 15-сола ва аз ин боло сари вақт ба муассисаҳои табобатӣ барои гирифтани ёрии тиббии тахассусӣ ва баланддараҷа муроҷиат намекунанд. Сабабҳои дер муайян намудани сирояти вируси норасоии масунияти одам ва муроҷиати шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда ба кумаки лозима метавонад инҳо бошанд:

- ҷой доштани ҳарос ва нигаронӣ дар байни аҳолӣ нисбати сирояти вируси норасоии масунияти одам яке аз монеаҳо барои гузаштан аз ташхис боқӣ мемонад;
- тамѓагузорӣ дар ҷомеа ва омилҳои табъиз нисбати шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда. Аз ҳама вазнин тамѓагузорӣ аз тарафи падару модари кӯдакони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда қабул карда мешавад ва ҳарос оид ба ошкорсозии сироятёбии кӯдак метавонад сабаби бевақт муроҷиат намудани падару модари ба табобати дахлдори кӯдак гардад;
- ба таври кофӣ надоштани маълумот дар бораи табобат ва афзалиятҳои он барои саломатии шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда ва ҳаёти инсон;
- омилҳои дохилии равонӣ, ки баъзе шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунандаро барои муроҷиат ба табобат намемонад қарор кунад (асосан то пайдошавии нишонаҳои клиникии беморӣ) ва эҳтимоли таассуб нисбати самаранокии табобат дошта бошанд;
- сатҳи баланди муҳоҷирати (дохилӣ, берунӣ) аҳолӣ дар ҷумҳурӣ, ки метавонад ба муроҷиат ва дастрасии шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда ба кумаки тиббӣ инъикос ёбад.

§4. Иҷрои стратегияҳои байналмиллалӣ

77. Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ноилшавии Ҳадафҳои Рушди Устувор 3.3, аз ҷумла то соли 2030 манъ намудани эпидемияи бемории пайдошудаи норасоии масуният, уҳдадории худро, аз ҷумла то соли 2020 90 фоизи шахсони бо вируси норасоии масунияти одам

зиндагикунанда мавқеи худро медонанд, 90 фоизи онҳо бо табобат фаро гирифта мешаванд ва 90 фоизи табобатгирандагон сарбории вирусии номуайян доранд, риояи пайравӣ дорад.

78. Дар айни замон 67,4 фоизи шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда дар бораи мавқеи худ огоҳӣ доранд, 80,6 фоизи онҳо бо табобат ҷалб карда шудаанд ва 74 фоизи табобатгирандагон сарбории вирусии номуайян доранд. Дар байни шахсоне, ки зиёда аз 6 моҳ табобат мегиранд, сарбории вирусии номуайян 81,5 фоизро ташкил медиҳад. Баҳри ноил шудан ба ҳадафҳои стратегии байналмилалӣ дар ҷумҳурӣ гузаронидани маҷмуи чорабиниҳо, аз ҷумла сари вақт дарёфти беморони нав ва фаро гирифтани онҳо ба табобати зиддиретровирусӣ дар давраи амали барномаи мазкур пешбинӣ карда мешавад.

79. Фоизи фарогирии табобати кӯдакони то синни 15 (97,2 фоиз) нисбати калонсолон (73,8 фоиз), инчунин фоизи кӯдаконе, ки сарбории вирусии номуайян доранд (75,1 фоиз) нисбати нишондодҳои калонсолон (73,8 фоиз) зиёд мебошад. Сатҳи баланди пайравӣ ба табобат дар байни кӯдакон, ки дар муддати тӯлонӣ ва доимо аз тарафи падару модари кӯдакони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда дастгирӣ мешаванд, алоқаманд мебошад.

80. Вобаста ба зиёд гардидани ҳолатҳои нави сирояти вируси норасоии масунияти одам дар байни занон, ҳолати тамоюли пешниҳоди табобат дар алоҳидагӣ бо таҳлили маълумот оид ба ҷинс назорат бурда мешавад. Фарогирӣ бо табобати зиддиретровирусӣ дар байни занон (88,3 фоиз) нисбати мардон (75,2 фоиз), ҳамчунин сатҳи сарбории вирусии номуайян (дар байни занон - 76,7 фоиз ва дар байни мардон - 71,8 фоиз) баланд мебошад.

81. Тамоюли фарогирии нашъамандони тазриқӣ бо назорати диспансерӣ ва табобати зиддиретровирусӣ дар асоси натиҷаҳои тадқиқоти гузаронида шуда, чунин мебошад:

- 93 фоиз беморон мавқеи вируси норасоии масунияти одами худро медонанд ва зери назорати диспансерӣ қарор доранд;
- 91 фоизи онҳо табобати зиддиретровирусӣ мегиранд;
- 62 фоизи онҳо ҳангоми ташхиси охирон сарбории вирусӣ аз 1000 нусха дар 1 мл паст буд.

82. Тамоюли фарогирии шахсони расонандаи хизматҳои шаҳвонӣ бо назорати диспансерӣ ва табобати зиддиретровирусӣ аз рӯи маълумоти тадқиқот 95,6 фоизро ташкил медиҳад. Дар байни шахсони расонандаи хизматҳои шаҳвонӣ, ки мавқеи вируси норасоии масунияти одами худро медонанд, 87,2 фоизашон табобати зиддиретровирусиро мегиранд ва 74,6 фоизи онҳо сарбории вируси номуайян доранд.

83. Дар муассисаҳои ислоҳӣ 161 шахси бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда ба қайд гирифта шуда буд, ки аз онҳо

154 нафар бо табобати зиддиретровирусӣ фаро гирифта, дар 59,4 фоизи онҳо сарбории вирусии номуайян арзёбӣ карда мешавад.

84. Бемории сил яке аз масъалаҳои асосӣ ва сабаби фавти шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда боқӣ мемонад. Дар соли 2019, 87 нафар аз бемориҳои ҳамрадифи вируси норасоии масунияти одам ва сил фавтидаанд ва ин 29 фоизи ҳамаи ҳолатҳои фавтро (бо сабабҳои гуногун) дар байни шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда мебошад. Дар ҷумҳурӣ ҳамасола теъдоди зиёди бемориҳои ҳамрадифи вируси норасоии масунияти одам ва сил ба қайд гирифта мешаванд. Баҳри пешгирии фавти беморони ҳамрадиф аз ҷониби муассисаҳои зидди вируси норасоии масунияти одам ва сил дар солҳои минбаъда низ чорабиниҳои муштарак амалӣ карда мешаванд.

85. Дар соли 2019 140 маҳбуси бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда аз машварати духтурони силшинос ва ташхиси бемории сил, 52 нафари бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда табобати пешгирикунандаи изониазид ва 34 нафар бо табобати зидди бемории сил фаро гирифта шуданд.

86. Ҳамагӣ дар байни шахсоне, ки сирояти вируси норасоии масунияти одам дар онҳо маълум карда шудааст, 1433 ҳолат гепатитҳои тариқи хун гузаранда муайян карда шуд, ки аз онҳо 270 ҳодисаи гепатити В, 1070 ҳодисаи гепатити С ва дар 93 ҳолат сирояти ҳамрадифи вируси норасоии масунияти одам ва бо бемориҳои гепатитҳои В ва С муайян карда шудааст. Дар давраи иҷрои барномаи нав бо дастгирии шарикони рушд табобати бемории гепатити С дар байни шахсони вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда ба роҳ монда мешавад.

87. Дар ҷумҳурӣ аввалин маротиба тадқиқоти дарёфткунии саратони гарданаки бачадон дар байни заноне, ки бо вируси норасоии масунияти одам зиндагӣ мекунанд, гузаронида шуд. Дар байни 47 фоизи иштирокчиёни тадқиқот нишонаҳои бемориҳои саратон муайян гардиданд. Ташхиси мунтазами занони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда оид ба дарёфти саратони гарданаки бачадон ва дигар бемориҳои саратонӣ, инчунин ваксинатсия ба муқобили вируси папиломаи инсон низ гузаронида мешавад.

88. Дар доираи қонунгузории амалкунанда давлат ба шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда табобати зиддиретровирусии ройгонро кафолат додааст. Таъмини доруҳои зиддиретровирусӣ бапуррагӣ аз ҷониби созмонҳои байналмилалӣ, асосан аз ҷониби Хазинаи глобалӣ оид ба мубориза бар зидди бемории пайдошудаи норасоии масуният, сил ва вараҷа амалӣ карда мешавад. Дар асоси нақшаи гузариш аз маблағгузории донорӣ ба маблағгузории давлатӣ аз соли 2022 зина ба зина гузариши маблаҕҳо барои харидории маводи дорувории зиддиретровирусӣ равона намудан лозим аст.

89. Дар сатҳи давлатӣ ба оилаҳое, ки дар онҳо кӯдакони гирифтори вируси норасоии масунияти одам зиндагӣ мекунанд (то 16-сола), пешниҳоди кумакпулиҳои моҳонаи иҷтимоӣ ба андозаи 7 нишондиҳанда барои ҳисобҳо оғоз гардида, 799 нафар кӯдакони то 16 сола мунтазам ин кумакпулиҳоро мегиранд.

90. Механизми таъмини ғизои ширӣ ба оилаҳое, ки навзодони аз модарони сироятёфтаи вируси норасоии масунияти одам таваллуд шудаанд, ба таври пурра коркард нашудааст, ки ба сари вақт таъмин намудани чунин оилаҳо бо ғизои сунъӣ мушкилот эҷод менамояд ва хатари сироятёбии гузариши сироятро аз модар ба кӯдак зиёд мегардонад.

91. Табобати зиддиретровирусӣ дар системаи кумаки аввалияи тиббию санитарӣ дар раванди инкишоф қарор дошта, дар 15 марказҳои саломатии шаҳри Душанбе 450 беморон бо хизматрасониҳо оид ба нигоҳубин ва табобати вируси норасоии масунияти одам фаро гирифта шудааст ва минбаъд оиди рушди онҳо фаъолият ҷонок карда мешавад.

§5. Таҳлили омилҳое, ки барои амалисозии барнома мусоидат ва монеагӣ менамоянд

92. Ба хатари вуҷуддоштаи эпидемияи вируси норасоии масунияти одам диққати махсус дар ҳамаи сатҳҳои ҳокимияти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешавад. Муқовимат бар зидди эпидемияи вируси норасоии масунияти одам яке аз равандҳои афзалиятноки фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи тандурустӣ мебошад.

93. Масъалаҳои асосӣ оид ба хизматрасонӣ, пешгирӣ, табобат ва нигоҳубин дар самти вируси норасоии масунияти одам ва амалигардонии ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон ва ҳифзи саломатӣ тариқи Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба танзим даровarda мешаванд. Мутобиқи қонунгузории амалкунанда давлат риояи ҳамаи ҳуқуқ ва озодиҳоро нисбат ба шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда ва аъзои оилаҳои онҳо кафолат медиҳад.

94. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон табъизро дар асоси доштани сирояти вируси норасоии масунияти одам ва содир намудани ҳар кадом амали оммавиро бо мақсади барангехтани кинаву адоват нисбати шахс ё гурӯҳи аҳолӣ дар асоси ҳолати мусбат воқеӣ ва ё эҳтимолии шахси бо вируси норасоии масунияти одам сироятёфта маҳкум менамояд.

95. Муҳити ҳуқуқӣ дар заминаи вируси норасоии масунияти одам арзёбӣ карда шуд, ки монеаҳои дахлдорро дар қонунгузорӣ ва амалияи истифодаи қонун, ки дастрасии шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда ва гурӯҳҳои калидии аҳолиро ба пешгирӣ ва табобати сирояти вируси норасоии масунияти одам

маҳдуд мекунад, муайян намуд, ки ин ба поймолкунии ҳуқуқи онҳо ҳам дар самти иҷтимоӣ ва ҳам дар ҳаёти шахсӣ оварда мерасонад.

96. Тибқи гузориши алтернативӣ дар бораи татбиқи Конвенсияи оид ба пешгирии тамоми шаклҳои табъиз нисбати занон ба Кумита оид ба барҳамдиҳии табъиз нисбати занон, гузориши алтернативӣ оид ба амалигардонии Пакти байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва сиёсӣ ба Кумита оид ба ҳуқуқи инсон, ки аз ҷониби ташкилотҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла ташкилотҳое, ки ҳуқуқҳои шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунандаро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муаррифӣ менамоянд, вақтҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳолатҳои татбиқи ҷазои ҷиноятӣ барои сироят намудан бо вируси норасоии масунияти одам зиёд мегардад. Дар аксар мавридҳо моддаи мазкур нисбати занон татбиқ карда мешавад.

97. Мутобиқи қонунгузории амалкунанда ҷавобгарӣ на танҳо барои қасдан сироят намудан бо вируси норасоии масунияти одам, балки барои зери хатари сироятёбӣ бо вируси норасоии масунияти одам гузоштан низ пешбинӣ гардидааст. Ҳамаи шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда, ки алоқаи ҷинсӣ доранд, метавонанд боиси таъқиби мақомотҳои қудратӣ гашта, аз ҳуқуқи солимии ҷинсӣ маҳрум гарданд. Ҳамзамон, розигии иттилоотӣ, истифодаи рифола ҳамчун воситаи муҳофизат дар вақти алоқаи ҷинсӣ ва сарбории вирусии номуайян дар ҳолати истифодаи табобати зиддиретровирусӣ, ки дар ҳолати он тибқи тадқиқотҳои илмии ҷаҳонии муосир, хатари сирояти вируси норасоии масунияти одам хеле паст мегардад, ба инобат гирифта намешаванд.

98. Дар солҳои охир амалияи қабули санадҳои қонунгузорӣ оид ба ташхиси ҳатмии вируси норасоии масунияти одам ҳангоми ба кор ва ба таҳсил қабул шудан ба назар мерасад, ки хилофи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, инчунин меъёрҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон, ки ҳуқуқи шахсони гирифтори вируси норасоии масунияти одамро барои меҳнат ва таълим маҳдуд менамояд. Таҳлили иловагии қонунгузории амалкунанда ва таъсири он ба ҳуқуқи шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда ва гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ зарур мебошад.

99. Барои баланд бардоштани самаранокии чорабиниҳои пешгирикунанда дар байни гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ қонунгузорӣ дар самти ҷавобгарии ҷиноятӣ ва маъмурӣ такмилталаб мебошад. Дар ин самт инчунин масъалаҳои декриминализатсияи вируси норасоии масунияти одам, нигоҳдории моводи нашъаовар барои истифодаи шахсӣ, татбиқи моддаҳои маъмурӣ нисбати шахсони расонандаи хизматҳои шаҳвонӣ, татбиқи чораҳои алтернативии ҷазо, табобати нашъамандӣ ҳамчун алтернатива барои чораҳои ҷазои ҷиноятӣ ба стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ намудан зарур аст.

100. Барои муқовимати пурсамар бо эпидемияи вируси норасоии масунияти одам бояд ҳамаи намояндагони гурӯҳҳои калидӣ ва осебпазир бе истисно дастрасӣ ба ташхис, барномаҳои пешгирикунанда, табобат ва дигар хизматрасониҳои вобаста ба вируси норасоии масунияти одам дар асоси риояи ҳуқуқи инсон дошта бошанд.

101. Тадқиқоти сатҳи таъбиз нисбати шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда, нишон дод, ки табъиз яке аз монеаҳо барои самаранок муқовимат намудан ба эпидемияи вируси норасоии масунияти одам боқӣ мемонад. Шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда, ки дар тадқиқот иштирок намудаанд, ишора кардаанд, ки ҳангоми гирифтани кумаки тиббӣ, ҳангоми ба кор қабул шудан, дастрасӣ ба таълим, дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва инчунин фоизи баланди табъизи дохилӣ, аз қабили худро гунаҳкор ҳисобидан ва ё хоҳиши даст ба худкушӣ задан бо ин масъала рӯ ба рӯ шудаанд. Заноне, ки бо вируси норасоии масунияти одам зиндагӣ мекунанд, бештар (95 фоиз) нисбати мардон ба табъиз ва тамғагузорӣ рӯ ба рӯ шудаанд.

102. Як қатор чорабиниҳо, ба монанди иттилоотӣ, тарғиботӣ ва таълимӣ, ки ба паст намудани табъиз ва тамғагузорӣ нисбати шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда равона карда шудаанд, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мунтазам гузаронида мешаванд. Чорабиниҳои тарғиботӣ ва таълимӣ дар байни гурӯҳҳои гуногуни кормандони ташкилотҳои давлатии расонандагони хизматрасониҳо, намояндагони воситаҳои ахбори омма ва ғайра гузаронида мешаванд. Чорабиниҳои таълимӣ дар байни кормандони ҳифзи ҳуқуқ бо мақсади паст намудани омилҳои таъбиз ва тамғагузорӣ нисбати шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда ва гурӯҳҳои осебпазир арзиши махсус доранд.

103. Чорабиниҳо омӯзишӣ барои кормандони судҳо ва адвокатҳо мунтазам гузаронида мешаванд, ки барои таъмин намудани шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда бо дастрасии адолати судӣ ва расонидани кумаки ҳуқуқии самаранок нигаронида шудаанд.

104. Масъалаи паст намудани сатҳи табъиз ва тамғагузорӣ нисбати шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда дар барномаҳои таълимии такмили ихтисоси кормандони соҳаи тандурустӣ ва маориф ворид карда шуда, мутахассисони соҳа мунтазам бо омӯзишҳо фаро гирифта мешаванд.

105. Нақши назаррасро дар масъалаҳои пешгирии вируси норасоии масунияти одам ва ташаккули муносибати таҳаммулпазир нисбати шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунандаро ходимони динӣ мебозанд. Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон курсҳои омӯзишӣ оид ба масъалаҳои вируси норасоии масунияти одам

барои 1472 имомхатибу имоми масҷидҳои ҷомеъ ва панҷвақта ташкил намуда, чорабиниҳои мазкур дар солҳои минбаъда низ ба нақша гирифта мешаванд.

106. Ташаккули афкори ҷомеа, аз ҷумла оид ба масъалаҳои сирояти вируси норасоии масунияти одам дар воситаҳои ахбори омма ба таври назаррас мусоидат менамояд. Воситаҳои ахбори омма имконият доранд, ки ба масъалаҳои вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният диққат дода, дар пешкаши маълумотҳо оид ба пешгирӣ ва табобати ин беморӣ саҳмгузор бошанд.

107. Риояи ҳуқуқи шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда асосан аз тарафи ташкилотҳои ҷамъиятии ҳуқуқи инсон арзёбӣ карда мешавад ва на дар ҳама ҳолат маълумот оид ба чораҳои андешида ва натиҷаҳои онҳо дастрас карда мешаванд.

108. Ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ҷомеа дар муқовимат бо вируси норасоии масунияти одам нақши муҳим дошта, иштироки фаъолона дар иҷрои барнома, дастрасӣ бо гурӯҳҳои калидӣ ва осебпазири аҳолӣ, ҳифзи ҳуқуқи инсон ва кафолати банақшагирии шаффофи иҷро, арзёбӣ ва сафарбаркунии захираҳо нақши муҳимро мебозанд.

109. Ташкилотҳои ҷамъиятии дар самти вируси норасоии масунияти одам фаъолияткунанда дар васеъ намудани ташхис дар байни гурӯҳҳои калидӣ ва осебпазири аҳолӣ, инчунин роҳандозии беморон бо ташхиси мусбати аввалияи вируси норасоии масунияти одам ба марказҳои минтақавии пешгирӣ ва мубориза бар зидди бемории вируси норасоии масунияти одам барои ташхиси минбаъдаи вируси норасоии масунияти одам мусоидат менамоянд.

110. Дар ҷумҳурӣ гузаронидани ташхиси вируси норасоии масунияти одам дар сатҳи ҷомеа бо усули молишаки милк ва худтесткунонӣ, ки дар васеъ намудани ташхис мусоидат менамояд, ба роҳ монда шуд. Дар айни замон ин усулҳо дар заминаи ташкилоти ҷамъиятӣ ба роҳ монда шуда, инкишофи таҷрибаи мазкур дар солҳои минбаъада зарур мебошад.

111. Маблағгузории фаъолияти ташкилотҳои ҷамъиятие, ки дар самти вируси норасоии масунияти одам фаъолият менамоянд, бапуррагӣ аз ҳисоби дастгирии донорҳои байналмиллалӣ татбиқ мегардад. Ҳаммаблағгузории ташкилотҳои ҷамъиятӣ аз буҷети давлатӣ барои расонидани хизматрасониҳо доир ба пешгирии сирояти вируси норасоии масунияти одам дар байни гурӯҳҳои калидии аҳолӣ пешбинӣ кардан мувофиқи мақсад мебошад. Дар назар аст, ки дар солҳои 2021-2025 механизми қарордодҳои иҷтимоии ташкилотҳои ҷамъиятӣ ба пуррагӣ таҳия шуда, ҳаммаблағгузории ташкилотҳои ҷамъиятӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ марҳила ба марҳила оғоз хоҳем гашт.

112. Дар Тоҷикистон баҳодиҳии хароҷоти миллӣ вобаста ба бемории пайдошудаи норасоии масуният, ки таҳлили хароҷотҳои аввалиндараҷаи ҷумҳуриро барои вируси норасоии масунияти одам

муайян менамояд, ворид карда шудааст. Ҳисоботи баҳодиҳии хароҷотҳои миллӣ вобаста ба бемории пайдошудаи норасоии масуният дар ду сол як маротиба гузаронида шуда, дар солҳои оянда низ гузаронида мешавад.

113. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дастгирии миллии чорабиниҳои зиддиэпидемикии вируси норасоии масунияти одамро асосан ба таври захираҳои инсонӣ, музди меҳнати кормандон, иморат ва хароҷотҳои ҷорӣ, инчунин ҷисман харидорӣ намудани тестҳои ташхисӣ ва маводи доруворӣ барои табобати бемориҳои ҳамрадиф пешниҳод менамояд. Вобаста ба ин, дар солҳои охир зина ба зина хароҷот барои пешгирӣ ва мубориза бар зидди сирояти вируси норасоии масунияти одам аз ҳисоби буҷети давлатӣ, аз ҷумла аз ҳисоби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои харидории тестҳои ташхисӣ дар навбати аввал барои занони ҳомила, мавод барои хӯроки сунъии навзодоне, ки аз модарони сироятёфтаи вируси норасоии масунияти одам таваллуд мешаванд, инчунин барои пардохти кумакпулиҳои иҷтимоии барои кӯдакони сироятёфтаи вируси норасоии масунияти одам то синни 16-сола зиёд мегарданд. Давом додани чорабиниҳои мазкур дар солҳои минбаъда низ бояд пешбинӣ карда шавад.

114. Маблағгузории чораҳои ҷавоби миллӣ бар зидди эпидемияи вируси норасоии масунияти одам ба кумаки беруна вобастагӣ дошта, зиёда аз 80 фоизи барнома, аз ҷумла харидории маводи доруворӣ ва амалӣ намудани барномаҳои пешгирикунанда дар байни гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ аз тарафи шарикони рушд маблағгузорӣ карда мешаванд. Дар барномаи мазкур бо дар назар доштани камшавии маблағгузории беруна марҳила ба марҳила зиёд гардидани маблағгузории дохилӣ аз буҷети давлат ба нақша гирифта мешавад.

115. Нақшаи гузариш аз маблағгузории донорӣ ба маблағгузории дохилӣ дар самти вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният таҳия шуда, бояд зина ба зина аз соли 2022 оғоз гардад.

116. Таҳлили тақсимоти маблағҳо оид ба вируси норасоии масунияти одам барои таъсири самарабахш ба барнома дар асоси маълумот оид ба тақсимоти маблағҳо гузаронида ва ҳисоб карда шуд, ки:

- ҳангоми 100 фоиз зиёдшавии буҷети солона то 2030 сол мумкин аст 40 фоизи ҳодисаҳои эҳтимолии нави сирояти вируси норасоии масунияти одам (тақрибан 5900 ҳолат) ва 45 фоизи фавт (2700), ки бо вируси норасоии масунияти одам алоқаманд мебошанд, пешгирӣ карда шавад;

- агар маблағгузорӣ то 200 фоиз зиёд карда шавад, шумораи ҳодисаҳои нав мумкин то 60 фоиз (зиёда аз 9,000 ҳодиса) ва шумораи фавт 60 фоиз (зиёда аз 3,500 ҳодиса) пешгирӣ шавад.

117. Дар натиҷаи таҳлили маълумоти бадастомада тавсияҳои зерин дода мешаванд:

- васеъ намудани табобати зиддиретровирусӣ ва пешгирии интиқоли вируси норасоии масунияти одам аз модар ба кӯдак;
- маблағгузории барномаҳои ташхисию пешгирикунандаи вируси норасоии масунияти одам дар байни шахсони расонандаи хизматҳои шаҳвонӣ бояд 2 маротиба зиёд карда шавад;
- бо дар назар доштани он, ки зиёда аз 20 фоизи ҳолатҳои нави сирояти вируси норасоии масунияти одам дар байни нашъамандони тазриқӣ ба қайд гирифта шудааст, ҳангоми дарёфти захираҳои иловагӣ чобариниҳои пешгирикунандаи вируси норасоии масунияти одам дар байни гурӯҳи мазкур дар солҳои минбаъда бояд васеъ карда шаванд.

## 4. НАТИҶАҲОИ АСОСӢ

118. Тоҷикистон дар марҳилаи ҷамъшавандаи эпидемия дар байни гурӯҳҳои дорои хатари баланд, ки сатҳи паҳншавии вируси норасоии масунияти одам аз 20 фоиз паст мебошад, боқӣ мемонад, аз ҷумла:

- солҳои охир сатҳи фавт вобаста ба вируси норасоии масунияти одам 5 фоиз паст шудааст;
- паҳншавии вируси норасоии масунияти одам дар байни нашъамандони тазриқӣ 8 фоиз ва дар байни шахсони расонандаи хизматҳои шаҳвонӣ 9 фоиз паст шудааст;
- шумораи ҳолатҳои гузариши вируси норасоии масунияти одам ба роҳи истифодаи маводи нашъадор ба роҳи тазриқӣ дар сохтори ҳодисаҳои нави вируси норасоии масунияти одам аз 21,4 фоиз то 10,1 фоиз паст шудааст;
- фарогирӣ бо ташхиси вируси норасоии масунияти одам дар давраи иҷрои барнома 2,1 маротиба зиёд шуда 11,6 фоизи аҳолиро ташкил медиҳад;
- алгоритми ташхис боздид шуда, усулҳои иноватсионӣ, аз ҷумла истифодаи тестҳои фаврӣ, тесткунонӣ дар заминаи ташкилотҳои ҷамъиятӣ, худтесткунонӣ, индекси тесткунонӣ ворид карда шудаанд;
- таҷрибаи харидории тестҳо барои занони ҳомила барои ташхиси вируси норасоии масунияти одам аз ҳисоби маблағгузории давлатӣ ворид карда шуд;
- таъин намудани табобати зиддиретровирусӣ дар байни беморони вируси норасоии масунияти одам новобаста аз сатҳи ҳуҷайраҳои CD4;
- ташхиси вируси норасоии масунияти одам ва пешниҳоди табобати зиддиретровирусӣ дар сатҳи муассисаҳои кумаки аввалияи тиббию санитарӣ оғоз гардидааст;
- нишондодҳои расидан ба стратегияи байналмилалӣ 67,4 фоизи шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда дар бораи мавқеи худ огоҳӣ доранд, 80,6 фоизи онҳо табобати

зиддиретровирусӣ мегиранд ва 74,0 фоиз аз табобатгирандагон сарбории вирусии номуайян доранд, ташкил медиҳанд;

- расидан ба фарогирии баланди фоизи табобати намояндагони гурӯҳҳои осебпазир, 91,0 фоиз нашъамандони тазриқӣ ва 87,2 фоизи шахсони расонандаи хизматҳои шаҳвонӣ табобати зиддиретровирусӣ мегиранд.

5. МУШКИЛОТИ АСОСӢ

119. Дар Тоҷикистон шумораи нави сирояти вируси норасоии масунияти одам 20 фоиз афзоиш меёбад. Ба ғайр аз ин, мушкилиҳои асосӣ дар самти вируси норасоии масунияти одам боқӣ мемонанд, аз ҷумла:

- айни замон мӯътадилшавии вазъи эпидемиологӣ оид ба вируси норасоии масунияти одам вуҷуд надорад;

- роҳи гузариши вируси норасоии масунияти одам тавассути алоқаи ҷинсӣ тамоюли болоравӣ дорад, ки ин хавфи паҳншавии васеи сирояти вируси норасоии масунияти одамро дорад;

- ҳиссаи занон дар байни шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда 5 фоиз афзуда, наздики 40 фоизро ташкил медиҳад;

- сатҳи баланди хавфи рафтори хатарнок ва нокифояи фарогирӣ бо барномаҳои пешгирикунанда дар байни гурӯҳҳои дорои хатари баланд барои паҳншавии минбаъдаи сирояти вируси норасоии масунияти одам нақши асосиро мебозанд;

- зиёд шудани ҳолатҳои нави сирояти вируси норасоии масунияти одам дар байни муҳоҷирони меҳнатӣ онҳоро ҳамчун гурӯҳи мақсаднок барои барномаҳои пешгирикунанда пешбинӣ намоянд;

- Тоҷикистон дар айни замон ба ҳадафҳои барҳамдиҳии интиқоли вируси норасоии масунияти одам бо роҳи аз модар ба кӯдак (2,7%) нарасидааст;

- Тоҷикистон то ҳол ба мақсадҳои стратегияи байналмилалӣ нарасидааст. Танҳо 67,4 фоизи шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда дар бораи бемории худ маълумот доранд, 80,6 фоизи онҳо бо табобати зиддиретровирусӣ фаро гирифта шудаанд ва 74 фоизе, ки табобат мегиранд, сарбории вирусии номуайян доранд;

- дар 29,3 фоизи ҳолатҳо ташхиси вируси норасоии масунияти одам дар марҳилаҳои дери беморӣ гузаронида шудааст;

- тамоюли болоравии ҳодисаҳои нави вируси норасоии масунияти одам дар байни кӯдакони то 14-сола дида мешавад;

- фавти шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда бо сабабҳои гуногун 26,9 фоизро аз шумораи умумӣ ташкил медиҳад;

- фавт аз бемории сил 29 фоизро аз ҳамаи ҳолатҳои фавти шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда ташкил додааст;

- мавҷудияти монеа барои фароҳам овардани шароит оид ба дастгирии рушди барномаи муқовимат бо эпидемия, аз ҷумла қонунгузорӣ, ки такмилро талаб мекунад, сатҳи баланди табъиз ва тамғагузорӣ нисбати шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда ва гурўҳҳои осебпазири аҳолӣ;

- сатҳи баланди вобастагӣ маблағгузории барнома оид ба вируси норасоии масунияти одам аз саҳмгузорони беруна.

## 6. САМТҲОИ АСОСИИ БАРНОМА

120. Барнома аз самтҳои зерин иборат мебошад:

1) пешгирии ҳолатҳои нави сирояти вируси норасоии масунияти одам дар байни гурўҳҳои калидӣ ва осебпазири аҳолӣ бо пешниҳоди маҷмўи хизматрасониҳо ва истифодаи усулҳои зерини муосир:

- таъмини намудани дарёфти саривақтии сирояти вируси норасоии масунияти одам ва алоқаманди бо системаи расонидани кумак дар байни гурўҳҳои калидӣ ва гурўҳҳои осебпазири аҳолӣ (муҳоҷирони меҳнатӣ). То охири соли 2025  95 фоизи шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда аз шумораи гуруҳҳои калидӣ мавқеи худро медонанд;

- таъмин намудани фарогирии васеи гурўҳҳои калидии аҳолӣ бо хавфи зиёд ва гурўҳҳои осебпазир (муҳоҷирони меҳнатӣ) бо дастаи пешгирикунандаи маҷмўи сифати аъло. Паст намудани ҳолатҳои нави вируси норасоии масунияти одам дар байни гурўҳҳои калидӣ ва гурўҳҳои осебпазири аҳолӣ (муҳоҳирони меҳнатӣ) на кам аз 20 фоиз то охири соли 2025;

2) таъмин намудани дастрасии универсалӣ ба табобати бемории вируси норасоии масунияти одам барои калонсолон ва кўдакон мувофиқи стандартҳои байналмилалӣ барои паст намудани фавти алоқаманд бо бемории пайдошудаи норасоии масуният ва беҳтар намудани сифати ҳаёти шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда, ки ба фавран таъмин намудани пешниҳоди табобати зиддиретровирусӣ ба ҳамаи калонсолон ва кўдакон пас аз ташхиси вируси норасоии масунияти одам ва расонидани кумак оид ба нигоҳ доштани беморон дар системаи расонидани кумаки тиббӣ. То охири соли 2025 95 фоизи шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда бо мақсади гирифтани табобат ва нигоҳубин вобаста ба вируси норасоии масунияти одам дар қайди назорати диспансерӣ қарор доранд. То охири соли 2025  95 фоизи шахсоне, ки мавқеи худро оид ба вируси норасоии масунияти одам медонанд, табобати зиддиретровирусиро давом дода истодаанд. То охири соли 2025 сатҳи

фавт, ки бо бемории пайдошудаи норасоии масуният алоқаманд мебошад, 50 фоиз паст мешавад;

3) паст намудани ҳолатҳои интиқоли вируси норасоии масунияти одам аз модар ба кӯдак ва муҳайё намудани шароит барои барҳамдиҳии ин роҳи гузариши сирояти вируси норасоии масунияти одам, ки ба васеъ намудани фарогирӣ ва баланд бардоштани сифати хизматрасониҳо ба занони ҳомила оид ба пешгирии сирояти вируси норасоии масунияти одам аз модар ба кӯдак ва ташхиси барвақтии вируси норасоии масунияти одам дар байни навзодон ва паст намудани сатҳи интиқоли вируси норасоии масунияти одам аз модар ба кӯдак то 2 фоиз ва аз ин камтар то соли 2025;

4) таъмин намудани бехатарии хун ва беҳтар намудани назорати сироят дар муассисаҳои системаи тандурустӣ бо ворид намудани технологияи муосир ба сохтори хун, баланд бардоштан аз ҷиҳати даромаднокӣ ва молиявии муассисаҳо барои пурзӯр намудани назорати бехатарии хуни донорӣ амалӣ гардида, дар ин раванд 100 фоизи хуни донорӣ ва ҷузъҳои он аз ташхиси вируси норасоии масунияти одам мувофиқи тавсияҳои Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ мегузаранд. Инчунин, таъмини назорати самараноки сироятӣ ва роҳ надодан ба ҳолатҳои интиқоли дохилибеморхонагии вируси норасоии масунияти одам ва баҳодиҳии вазъи назорати сироят гузаронида шуда, ба амалиётҳои назорати сироят мунтазам таъмин карда мешаванд;

5) баланд бардоштани маълумотнокӣ ва пешгирии вируси норасоии масунияти одам дар байни ҷавонон, наврасон, занони ҷавон ва духтарон. Дар ин самт мусоидат ба баланд бардоштани сатҳи маълумотнокӣ ва донишу рушди барномаҳои пешгирӣ дар байни ҷавонон, наврасон, алалхусус дар байни занони ҷавон ва духтарон муҳим арзёбӣ мегардад. Банақшагирӣ ва афзоиши сатҳи маърифатии занони ҷавон ва духтарони синни 15 то 24 оид ба дуруст донистани роҳҳои гузариш ва усулҳои пешгирии вируси норасоии масунияти одам то охири соли 2025 95 фоиз баланд бардошта мешавад;

6) бартараф намудани монеаҳои мавҷуда ва мустаҳкам намудани муҳити дастгирикунанда барои ҷавоби самараноки миллӣ ба эпидемияи вируси норасоии масунияти одам, ки ба:

- бартараф намудани монеаҳои мавҷуда барои ҷавоби самараноки миллӣ ба эпидемияи вируси норасоии масунияти одам дар соҳаи амалисозии ҳуқуқҳои шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда, гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ ва дигар шахсоне, ки зери таъсири эпидемия мебошанд ва таъмини дастрасии васеъ ба адолати судӣ барои онҳо. Қонунгузорӣ ва сиёсат барои бартараф кардани монеаҳои мавҷуда дар татбиқи самарабахши барномаҳои оид ба муқовимат ба вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният ва истифодаи пурраи ҳуқуқҳои

шахсони бо вируси норасоии масунияти одам сироятёфта, гурӯҳҳои калидии аҳолии ва дигар шахсоне, ки зери таъсири эпидемия мебошанд такмил дода мешавад;

- паст кардани табъиз ва решакан кардани тамғагузорӣ ва зӯроварӣ нисбат ба одамони бо вируси норасоии масунияти одам сироятёфта, гурӯҳҳои калидӣ ва осебпазири аҳолӣ ва одамони дигаре, ки эпидемия онҳоро таъсир расонидааст. Маълумот дар бораи индекси таъбиз аз паст шудани табъиз ва тамғагузорӣ дар муқоиса бо соли 2015 шаҳодат медиҳад;

- таъмини заминаи моддию техникӣ ва баланд бардоштани неруи кадрии хадамот оид ба муқовимат бо эпидемияи вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният равона мегардад.

## 7. МАБЛАЃГУЗОРИИ БАРНОМА

121. Арзиши умумии Барнома дар тӯли панҷ сол 486688281 сомонӣ (баробар ба 50174050 доллари ИМА) мебошад. Талаботи маблаѓгузории Барнома аз 95253866 сомонӣ барои соли 2021 то 102339556 сомонӣ барои соли 2025 мебошад. Афзоиши буҷет бо тадриҷан васеъ шудани хизматрасониҳо оид ба чорабиниҳои пешгирикунанда ва табобатӣ алоқаманд мебошад. Норасоии маблаѓгузорӣ барои иҷрои Барнома тахминан 32 фоизро ташкил медиҳад (тибқи замимаҳои 1 ва 2).

## 8. ҲАМОҲАНГСОЗӢ ВА ШАРИКӢ

122. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси консепсияи се принсипҳои зерин оид ба муқовимат ба эпидемияи вируси норасоии масунияти одам дастурҳо медиҳад:

- чаҳорчӯбаи ягонаи амалиёт оид ба вируси норасоии масунияти одам барои муқовимати миллӣ, ки ҳамаи фаъолон ва фаъолиятҳоро дар дохил ва берун аз соҳаи тандурустӣ муттаҳид менамояд;

- мақомоти ягонаи ҳамоҳангсозии миллӣ оид ба муқовимат ба эпидемияи вируси норасоии масунияти одам;

- системаи ягонаи назорат ва баҳодиҳии иҷрои барномаҳои вокуниш ба вируси норасоии масунияти одам, таъмини масъулият дар иҷрои ин барнома.

123. Ҳамоҳангсозии ҳамаи фаъолиятҳо дар самти муқовимат бо вируси норасоии масунияти одам дар ҷумҳурӣ аз ҷониби Кумитаи миллии ҳамоҳангсозӣ оид ба мубориза бар зидди бемории пайдошудаи норасоии масуният, сил ва вараҷа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гардонида мешавад. Кумитаи мазкур иҷроиши барномаро назорат мекунад, сиёсати роҳнамоӣ ва дастгириҳои берунаро муайян месозад.

124. Сохтори идоракунӣ ва ҳамоҳангсозии миллӣ намояндагӣ ва иштироки бахши давлатиро дар заминаи бисёрсоҳавӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар сатҳи миллӣ ва ғайримутамарказ инъикос мекунад. Амалисозӣ ва идоракунии барнома як қатор механизмҳо ва воситаҳоро талаб мекунад, аз ҷумла фаъолиятҳои соҳавӣ ва байнисоҳавӣ, таҳия, таҷдиди барномаҳои соҳавии вазоратҳои соҳавӣ, нақшаҳои амалиёти ҳарсола бо пешниҳоди пурраи фаъолият, шарикон, ҳадафҳо ва буҷет.

125. Ташкилотҳои ҷамъиятӣ доираи васеи фаъолиятҳоро мустақиман дар байни баҳрабардорони барнома иҷро мекунанд, шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда, калидӣ, осебпазир ва дигар гурӯҳҳои аҳолӣ, ки захираҳои инсонӣ, таҷриба ва амалияи худро таъмин мекунанд.

126. Созмони Милали Муттаҳид дар сафарбаркунии захираҳо ва ба даст овардани маблағгузории донорӣ, дар амалисозии барномаҳои дастгирии техникӣ ва коршиносон, инчунин таҷрибаҳои беҳтарини ҷаҳонӣ барои мутобиқ шудан ба шароити ҷумҳурӣ кумак мерасонад. Созмонҳои байналмилалӣ ва донорҳо кумаки молиявӣ ва техникиро дар иҷрои амалҳо дар ҳама сатҳҳо, аз ҷумла эҷоди неруи кадрӣ, таҳқиқот, банақшагирӣ, ҳамоҳангсозӣ, мониторинг ва харид идома хоҳанд дод.

## 9. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

127. Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақшаи мониторинг ва баҳодиҳии барномаи мазкурро таҳия ва тасдиқ менамояд.

128. Вазорату идораҳои далхдор ҳар сол то 10 декабр ба Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иҷрои Барнома маълумот пешниҳод менамоянд.

Замимаи 2

ба қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз 27

феврали соли 2020, № 50

Нақшаи амалигардонии

Барномаи миллӣ оид ба муқовимат ба эпидемияи вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025

| | Номгӯи чорабиниҳо | Солҳо (бо сомонӣ) | | | | | | Сарчашмаи маблағгузорӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | 2025 | Масъули иҷро | |
| 1. ПЕШГИРИИ ҲОЛАТҲОИ НАВИ СИРОЯТИ ВИРУСИ НОРАСОИИ МАСУНИЯТИ ОДАМ ДАР БАЙНИ ГУРӮҲҲОИ КАЛИДӢ ВА ОСЕБПАЗИРИ АҲОЛӢ БО ПЕШНИҲОДИ БАСТАИ МАҶМӮИ ХИЗМАТРАСОНИҲО ВА ИСТИФОДАИ УСУЛҲОИ МУОСИР | | | | | | | | |
| | Харидории маводи ташхисӣ (ташхиси иммуноферментӣ, тестҳои фаврӣ бо истифода аз молишаки милк) барои таъмини дастрасӣ ба маслиҳатдиҳӣ ва ташхиси гурӯҳҳои калидӣ ва осебпазири аҳолӣ | 900000 | 1200000 | 1400000 | 1500000 | 1600000 | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Хазинаи глобалӣ оид ба мубориза бар зидди бемории пайдошудаи норасоии масуният, сил ва табларза, шарикон ва маблағҳои буҷетӣ |
| | Васеъ намудани маслиҳатдиҳӣ ва ташхиси фаврӣ дар байни гурӯҳҳои | 451000 | 462000 | 473000 | 484000 | 495000 | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии | Хазинаи глобалӣ, шарикон ва маблағҳои |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | аҳолӣ дорои хатари баланд сирояти вируси норасоии масунияти одам дар заминаи 15 ташкилоти ҷамъиятӣ бо истифода аз молишаки милк ва васеъ намудани худтесткунонии вируси норасоии масунияти одам | | | | | | Тоҷикистон | буҷетӣ |
| | Васеъ намудани ташхиси алоқамандон (хариди тестҳо, омӯзиш, дастгирии корҳои саҳроӣ) | 250000 | 300000 | 350000 | 400000 | 450000 | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ | Хазинаи глобалӣ, шарикон ва маблағҳои буҷетӣ |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Таҷдид ва боздиди алгоритми ташхиси вируси норасоии масунияти одам, аз ҷумла ташхис дар заминаи ташкилоти ҷамъиятӣ ва худтесткунонӣ | 0 | 50000 | 0 | 0 | 60000 | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ | Созмони умумҷаҳонии тандурустӣ, шарикон ва маблағҳои буҷетӣ |
| | Таҷдид ва боздиди тартиби азназаргузаронии тиббӣ барои ошкор намудани вируси норасоии масунияти одам ва назорати тиббии шахсони мубталои вируси норасоии масунияти одам дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | 100000 | 0 | 0 | 120000 | 0 | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Барномаи муштараки Созмони Милали Муттаҳид оид ба вируси норасоии масунияти одам, шарикон ва маблағҳои буҷетӣ |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Дастгирии кормандони саҳроии ташкилотҳои ҷамъиятӣ, нуқтаҳои боварӣ ва ҳуҷраҳои дӯстонаи марказҳои вируси норасоии масунияти одам оид ба васеъ намудани маслиҳатдиҳӣ ва ташхиси ихтиёрии вируси норасоии масунияти одам | 2500000 | 2500000 | 2500000 | 2500000 | 2500000 | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Хазинаи глобалӣ, шарикон ва маблағҳои буҷетӣ |
| | Васеъ намудани ташхиси фаврӣ дар байни маҳкумшудагон дар тавқифгоҳи тафтишотӣ ва муассисаҳои ислоҳӣ | 150000 | 160000 | 170000 | 1800000 | 1900000 | Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | Хазинаи глобалӣ, шарикон, Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| | Ворид намудани системаи равонасозии ташкилотҳо | 200000 | 220000 | 240000 | 2400000 | 2400000 | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии | Маблағҳои буҷетӣ, Хазинаи глобал |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | и ҷамъиятӣ ва муассисаҳои тандурустӣ барои таъмини хизматрасониҳо ба гурӯҳҳои калидии аҳолӣ алоқаманд ба вируси норасоии масунияти одам | | | | | | аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | ӣ, шарикон |
| | Гузарониданичорабиниҳо, аксияҳои маълумотдиҳию таблиғотӣ оид ба ҷалби аҳолӣ ба маслиҳатдиҳӣ ва ташхиси ихтиёрӣ ба вируси норасоии масунияти одам | 250000 | 300000 | 350000 | 400000 | 450000 | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Маблағҳои буҷетӣ, Хазинаи глобалӣ, шарикон |
| 0 | Хариди маводи ташхисии фаврӣ ва имуноферментӣ барои фарогирии ташхиси муҳоҷирони меҳнатӣ | 1000000 | 1000000 | 1000000 | 1000000 | 1000000 | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Маблағҳои буҷетӣ, Хазинаи глобалӣ, шарикон |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Дар заминаи сомонаи муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии пешгирӣ ва мубориза бар зидди бемории вируси норасоии масунияти одам» таҳия ва ворид намудани платформа барои баҳодиҳии хавфи сироятёбии вируси норасоии масунияти одам ба таври пинҳонӣ | 250000 | 220000 | 100000 | 100000 | 100000 | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Маблағҳои буҷетӣ, Хазинаи глобалӣ, шарикон |
| 2. ЧОРАБИНИҲО НИСБАТИ НАШЪАМАНДОНИ ТАЗРИҚӢ ВА ШАРИКОНИ ҶИНСИИ ОНҲО | | | | | | | | |
| 2 | Хариди сӯзандоруҳои яккарата, рифолаҳо барои барномаи паст кардани зарар | 4179200 | 4245800 | 4318700 | 4338850 | 4360680 | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Хазинаи глобалӣ, шарикон ва маблағҳои буҷетӣ |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
